## МУНЗИМ



# МАҶМӮАИ ОСОР

МИРЗО
АБДУЛВОҲИДИ

# УНЗИМ

85060
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.
БИБЛИОТЕКА
КЛУБА
ШЕЛКОКОМБИНАТА
г. Ленинабад
Инв. № 33400
ИНВ. 84



## МАҶМӮАИ ОСОР

НАШРИЁТИ «ИРФОН» Душанбе 1967

Тоҷик 2
М 83

7—4—22
16—67

Ҷамъкунандагон:
*Шамсулло Девонаев,*
*Юсуф Акбаров*

Дар ин маҷмӯа мунтахаби назму насри яке аз шоирони маорифпарвару инқилобчӣ ва ҳамсафи устод Айнӣ Мирзо Абдулвоҳид Мунзим гирд оварда шудааст. Дар осори Мунзим идеяи маорифпарварӣ, тарғиби Инқилоби Октябрь ва барқарор кардани сохти социалистӣ акс гардидааст.

## ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДАБИИ МУНЗИМ

Мирзо Абдулвоҳид Мунзим яке аз аввалин шоирони советии тоҷик ба шумор рафта, дар ду давраи ба ҳам зид — давраи тиравутори Бухорои амирӣ ва давраи тантанаи социализм умр ба сар бурдааст.

Мунзим соли 1877 дар гузари Қассобони шаҳри Бухоро аз оилаи Бурҳон ном шахс ба дунъё омадааст. Аз маълумоти маъхазҳо маълум мегардад, ки ӯ дар овони ҷавонӣ аз падару модар маҳрум мондааст. Доир ба ин давраи ҳаёти Мунзим устод Айнӣ чунин гуфтааст: «Мирзо Абдулвоҳид мисли ман бе падару модар ва бе хешованд будааст, як нафар қадрдони падараш ӯро ба ин ҷо (ба хонаи Садри Зиё) оварда мондааст, ки дар кӯчаҳо сарсарӣ нагардад, дар ин ҷо ягон чиз ёд мегирад». [1]

Садри Зиё, ки шахси маърифатдӯсти замони худ буд, ба Мунзим бағали падарона кушода, ӯро ба тарбияи худ мегирад. Мунзим бо кӯмаки падаронаи Садри Зиё илмҳои замони худро хатм мекунад ва дар назди ӯ мирзо шуда мемонад.

Доир ба Мунзим дар тазкираҳои «Афзал-ут-Тазкор»-и Афзали Пирмастӣ, «Тӯҳфат-ул-Аҳбоб-фи Тазкират-ул-Асҳоб»-и Возеҳ (иловаи Салимӣ), «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдӣ, «Тазкор-ул-Ашъор» ва «Наводири Зиёия»-и Садри Зиё маълумот дода шудааст.

Садри Зиё дар бораи Мунзим чунин меоварад:

> Ҷавонест озодаву некхӯ,
> Хирадманду донову санҷидагӯ.

---

[1] Айнӣ С., «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», Душанбе, 1958, саҳ. 34—35.

Бувад Мунзим он зинатафзои наср,
Китоби хирад, маҳфилорои наср.
Бувад андалеби хушовози назм,
Ба мулки сухан маҳрами рози назм...
Маро меҳр бошад варо он қадар,
Чу меҳре, ки дорад писарро падар...[1]

Ё ки Садри Зиё доир ба устод Айнӣ маълумот дода, аз Мунзим ҳам чунин ном мебарад:

Вафокеш мардум бидидам басе,
Чу Айнию Мунзим надидам касе.
Тавон гуфт Айнист як чашми ман,
Дигар чашм Мунзим дар ин анҷуман.
Бинозам ба гетӣ бад-он ду нафар,
Ки мурғи диламро чу боланду пар...[2]

Мунзим бо супориши Садри Зиё соли 1900 «Наводир-ул-Вақоеъ»-и Аҳмади Донишро нусхабардор мекунад. Баъд аз нусхабардор кардани ин асар Садри Зиё аз устод Айнӣ хоҳиш мекунад, ки нусхаи рӯбардор кардашударо бо нусхаи дастхати Аҳмади Дониш муқоиса намояд. Баъд аз хондан ва муқоиса карда баромадани «Наводир-ул-Вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ба Айнию Мунзим рӯҳияи тараққипарварии А. Дониш таъсир мерасонад.

Ғайр аз ин китобати тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ба қалами Мунзим тааллуқ дорад.[3]

Баъд аз вафоти Ҳайрат (1902) устод Айнию Мунзим шеърҳои ӯро гирд оварда, ду маҷмӯа тартиб медиҳанд. Яке ба устод Айнӣ ва дигаре ба Мунзим мемонад.

Дар вақти ба кори мирзоӣ машғул будани Мунзиму устод Айнӣ яке аз шарикдарсони Мунзим Абдулқодир-махдум ба назди онҳо омадурафт карда меистод.

---

[1] Садри Зиё, «Тазкор-ул-Ашъор», нусхаи закираи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон, № 230, вар. 36 б.
[2] Асари мазкур, вар. 30 б.
[3] Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, нусхаи захираи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон, фотокопия № 17.

Абдулқодир-махдум аз кучое рӯзномаҳои «Ҳаблулматин», ки дар Ҳиндустон ба забони форсӣ нашр мегардид ва «Тарҷумон, ки дар Боғчасарой ба забони русӣ-тоторӣ интишор мешуд, оварда мутолиа мекард. Дар ин рӯзномаҳои зикршуда ҳама идеяҳои миллатчиёни пантуркистон тарғиб карда мешуд.

Асосан инқилоби солҳои 1905—1907-и Россия ба рӯҳияи устод Айнию Мунзим таъсири мусбат мерасонад. Онҳо ба ақидаҳои маорифпарварӣ майл карда ва дар охир ҳамчун шоирони маърифатпарвару революционер ба майдон баромада, Инқилоби Октябрьро гарму ҷӯшон истиқбол мекунанд.

Дар натиҷаи таъсири инқилоби якӯми Россия, дар Бухоро ҳаракатиислоҳотчиён ба амал меояд. Ин ҳаракати ислоҳотчиёнро ҳаракати революционӣ гуфтан мумкин набуд. Ин ҳаракат ислоҳ кардани мадрасаҳою баъзе урфу одатҳои кӯҳнаро талаб мекард ва дар масъалаи сиёсӣ ислоҳ кардани идораи аморат ва аз худсарӣ нигоҳ доштани маъмурони амирӣ буд.

Доир ба гузаронидани ислоҳот дар мадрасаҳо устод Айнӣ бо Мунзим дар байни халқ ташвиқот мебурданд.

Соли 1907 дар Бухоро бо ташаббуси Муллонизом ном тотор барои бачагони тотор мактаби хусусӣ кушода мешавад. Барои муаллимӣ Муллоҷӯрабой ном шахсро таъин мекунанд.

Дар ин мактаб якчанд бухорибачагон ҳам мехонданд. Устод Айнӣ рафта ин мактабро мебинад ва мефаҳмад, ки бинобар сабаби надонистани забони тоторӣ тоҷикбачагон аз ин таълим баҳравар шуда наметавонистанд.

Ба ҳамин мулоҳиза ӯ худаш толиб шуд, ки дар он мактаб муаллимӣ кунад. Баъд аз ин устод Айнӣ ба назди Мунзим омада маслиҳат мекунад ва соли 1908 дар хонаи Мунзим якӯмин мактаб ба забони тоҷикӣ мекушоянд. Дар ин мактаб Мунзим муаллим таъин мешавад ва устод Айнӣ дастурҳо тайёр карда меоварад.

Ин мактаби усули нав буд. Роҳи таълим дар ин мактаб, аз мадрасаҳои динии пештара аз он фарқ дошт, ки хондан ва навиштан баробар таълим дода мешуд. Талабагони ин мактаби усули нав бисьёртар аз он бачагони камбағалон буданд, ки бинобар сабаби

қашшоқӣ аз мактаби кӯҳна баромада рафта буданд. Мана ҳамин гуна талабагонро Мунзим таълим дода, дар муддати ду моҳ хату саводашонро мебарорад.

Ғайр аз ин мактаби рӯзона, дар соли зикршуда мактаби саводбарории шабона барои калонсолон кушода мешавад. Онҳо ҷамъ шуда ба мактаби усули нав меомаданд. Мунзим вақти худро дареғ надошта, ҳар шаб бо калонсолон дусоатӣ дарс гузаронида, дар муддати 40—50 рӯз ба онҳо хондан ва навиштанро меомӯзонад.

Оҳиста-оҳиста ин мактаб дар Бухоро шӯҳрат пайдо мекунад. Ҳар рӯз ба ин мактаб талабагони нав ба нав омадан мегиранд. Рағбати халқ ба ин мактаб торафт зиёд мешавад.

Дар натиҷа муллоён бар зидди мактаби усули нав мебароянд. Якӯмин иғво бо сардорони Мулло Қамари Қазонӣ ном мударрис бардошта мешавад.

Мулло Қамар як шахси фитнагар, шоҳпараст ва манфиатҷӯ буд. Ғайр аз ин, ӯ дар шӯъбаи сиёсӣ-махфии Россияи мустабидӣ, ки дар Бухоро буд, кор мекард.

Аз тарафи муллоён дар ин мактаби усули нав имтиҳони намунавӣ гузаронида мешавад. Баъд аз гузаронидани имтиҳон муллоён иғво бардошта мегӯянд, ки ин мактаб бачагонро кофир мекунад ва онҳо ба амир муроҷиат карда, соли 1909 мактабро бандонданд.[1]

Муллоён ва намояндагони амир ба бастани мактаб қаноат накарда, бо ҳуҷуми издиҳоми кӯча мехоҳанд, ки Мунзимро дастгир карда зада кушанд. Ӯ маҷбур шуда, аз Бухоро ба Қаршӣ меравад. Устод Айнӣ пас аз ин ҳодиса худро пинҳон карда мегашт. Мунзим баъд аз якчанд вақт аз Қаршӣ ба Бухоро бармегардад. Ӯ бо устод Айнӣ ба таъқиби амирӣ сар нафароварда, дар якчанд хона мактабҳои махфӣ кушода, писарони камбағалонро дарс додан мегиранд.

Соли 1917 муллобачагони мактабҳои Бухоро бар зидди мактабҳои усули нав бармехезанд. Мунзим аз ин таъқиби муллобачагон

---

[1] Ниг. Айнӣ С., «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро», Москва, 1926.

хабардор шуда, аз Бухоро бо ду писараш — Раҳим ва Рашид аввал ба Самарқанд ва баъд ба Тошканд гурехта меравад. Шоир дар ин вақтҳои пинҳонгардӣ ҳаёти сахтро аз сар мегузаронад.

Соли 1918, баъди воқеаи Колесов, зулм ва кушокушии амир тоқатнопазир мешавад. Аз меҳнаткашони Бухоро ва ҳатто аз аскарони амир ҳар рӯз чанд нафар гурехта ба Самарқанд ва Тошканд мегузаштанд. Дар худи ҳамин сол хонаи Мунзим бо фармони қушбегии Бухоро тороҷ карда мешавад. Гарчанде ӯ аз ин ҳодиса хабардор шуда бошад ҳам, илоҷе набуд, ки ба хонааш баргардад.

Эҷодиёти баъдиинқилобии Мунзим дар ҳамин давраи дур аз хонаву ҷой (1917—1920) сар мешавад.

Доир ба ин давраи ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар асарҳои устод Айнӣ — «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро» (Москва, 1926), «Намунаи адабиёти тоҷик» (Москва, 1926), «Ёддоштҳо» (ҷ. I—IV), «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» (Душанбе, 1958), «Энциклопедияи Калони Советӣ» (Москва, 1956, ҷ. 41) ва «Очеркҳои адабиёти советии тоҷик» (Москва, 1961) маълумот дода шудааст.

Устод Айнӣ дар бораи Мунзим чунин мегӯяд: «Мирзо Абдулвоҳид Мунзим аз ҷумлаи роҳбарони инқилобиёни Бухоро аст. Аввалин бор дар Бухоро бо усули тоза мактаб кушода, муаллимӣ карда, то имрӯз ба он маслаки худ давом дорад. Мунзимро ашъори оташбори инқилобӣ низ ҳаст».[1] Мунзим соли 1919 барои ҳимояи Инқилоби Октябрь аз номи халқи ҷафокашидаи Осиёи Миёна бо мурожиатномаи худ «Эй шарқи мазлум» баромад мекунад. Дар ин мурожиатнома тарафдорӣ, ҳамовозӣ ва ҳамфикрии халқҳои Осиёи Миёнаро нисбат ба революция баён намуда, онҳоро ба мудофиаи Инқилоби Октябрь даъват мекунад:

«... Эй фарзандони Шарқ! Мутамматин бошед, ки мо дар майдони муборизаи наҷот танҳо нестем. Имрӯз байрақи озодиро рафиқони мазлуми ҷафокашидаи мо — русҳо бардоштаанд ва шиори «Наҷоти милали мазлума»-ро эълон кардаанд. Фардо ин байрақро

[1] Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», Москва, 1926, саҳ. 485.

дар тамоми Аврупо рафиқони мазлум мебардоранд ва ин шиорро эълон мекунанд, ки дар муборизаи ҳаёт ва наҷот омода бошед...[1]

Мунзим бо ҳамзамононаш устод Айнӣ, Ҳамдӣ, Фитрат ва дигарон дар сафи инқилоб истода, дар асарҳояшон пухта расидани инқилобро дар аморати Бухоро тараннум намуда, халқро барои гирифтани интиқом аз золимон даъват мекарданд. Ба ин «Суруди озодӣ», «Марсия»-и устод Айнӣ, «Хитоб ба фуқарои Бухоро»-и Ҳамдӣ, «То ба кай» ва «Баёни ҳол»-и Мунзим мисол шуда метавонанд.

Мунзим баъд аз ғалабаи инқилоби Бухоро баробари барпо шудани Республикаи Халқии Советии Бухоро аз соли 1920 то соли 1921 ба вазифаи нозири халқии маорифи Бухоро ва баъдтар ҳамчун нозири халқии тандурустӣ кор мекунад.

Республикаи Советии Халқии Бухоро моҳи июни соли 1922, дар бораи дар мактабҳои хориҷӣ хононда ихтисоснок кунонидани ҷавонон қарор мебарорад. Мувофиқи ин қарор Мунзим ба 44 нафар ҷавонон сардорӣ карда, онҳоро ба Германия бурда, дар мактабҳо ҷо ба ҷо кунонида ва худаш январи соли 1924 ба ватан бармегардад. Ӯ дар ин сафари худ дар Берлин асари устод Айнӣ «Холида ё Қизбола»-ро бо ҳуруфоти арабӣ чоп кунонида меорад.

Вақте ки соли 1924 дар Самарқанд якӯмин нашриёти тоҷикӣ ташкил шуд, Мунзим дар ин ҷо коркуни адабӣ шуда хизмат мекунад. Ӯ дар вақти ба корҳои маъмурӣ хизмат карданаш ба кори эҷодӣ низ машғул мешавад ва ба яке аз ғазалҳои машҳури Ҳофизи Шерозӣ (матлааш: Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро, Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро) тазмин баста, ба он мазмун ва маънои нави замонавӣ додааст.

Ба ҳамин тариқ, ӯ ду сол дар нашриёти тоҷикӣ кор мекунад. Ӯ соли 1927 аъзои КИМ РСС Ӯзбекистон интихоб карда мешавад. Аз 5-ӯми феврали соли 1928 мувофиқи қарори Комиссариати Халқии маорифи Ӯзбекистон Мунзим ба вазифаи мудири шӯъбаи шарқшиносии китобхонаи давлатии Самарқанд таъин мешавад. Вале ӯро дар ҳамин сол ва мувофиқи қарори дар боло зикршуда, барои ҷо-

---

[1] Маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб», 1919, № 20 саҳ. 4—6.

рӣ кунонидани ҳуруфоти лотинӣ ба РАСС Тоҷикистон мефиристонанд. Ӯ дар Душанбе ҳамчун ноиби раиси ҷорӣ кунонидани ҳуруфоти лотинӣ таъин карда мешавад.

Мунзим дар матбуот ба кори ҷорӣ кунонидани ҳуруфоти лотинӣ машғул мешавад ва дар мактабҳои шаҳр муаллимӣ мекунад.

Вай бо якчанд мақолаҳои илмӣ-мубоҳисавӣ доир ба забони адабии тоҷик баромад мекунад.

Мунзим яке аз он шоироне мебошад, ки дар бораи доҳии меҳнаткашони тамоми дунъё В. И. Ленин низ шеърҳо навиштааст. Ӯ бахшида ба рӯзи вафоти доҳӣ се марсия навиштааст. Марсияи охирини ӯ «Бисту якӯми январь», ки соли 1934 эҷод карда шудааст, ғаму андӯҳи меҳнаткашонро аз вафоти Ленин ифода мекунад:

Самуми марг расиду вазид боди аҷал,
Бирафт аз сафи мо Ильич, он ягонаи даҳр.

Мунзим дар охири ин марсия абадӣ зинда будани ақидаю ҷаҳонбинӣ ва кори Ленинро бо ҳисси ифтихормандӣ ифода кардааст:

...Вафот кард Ленин, вале чароғи ӯ
Зи аввалааш шуда истодааст равшантар.

Дар худи ҳамин сол Мунзим достони «Инқилоби ҳоли деҳқонон ва зафари пахтакории онон»-ро навиштааст. Ин достон дар мавзӯи ҳаёти деҳқонони пешазинқилобӣ ва баъд аз он эҷод карда шудааст.

Мунзим сентябри соли 1932 ба нафақаи давлатӣ баромада, тамоман ба кори эҷодӣ машғул мешавад.

Баробари ташкил шудани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мунзим ба аъзоии он қабул шуда, то охири ҳаёт дар корҳои иттифоқ фаъолона иштирок мекунад.

Ҳамин тавр, шоир то охири умр барои тантанаи ҳаёти социалистӣ мубориза бурдааст. Ӯ 5 марти соли 1934 аз ҳаёт чашм пӯшидааст.

Мо осори шоирро, ки дар баёзу тазкира ва маҷаллаву рӯзномаҳои чи берун аз даврӣ ва чи даврагӣ ба тариқи пароканда чоп шудаанд, дар ҳаҷми 1040 байт, як муроҷиатнома, як ҳикоя, як публицистика, ду мақолаи илмӣ-мубоҳисавӣ (доир ба забони адабии тоҷик) ва як китоби ҳусни хати ҳуруфоти арабӣ бо номи «Роҳбари хат» ба даст овардем.

Бояд қайд кард, ки то ҳол доир ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир, ба ғайр аз рисолаи дипломӣ, як мақола[1] ва як маърӯза дар баромади олимони ҷавони АФ РСС Тоҷикистон, ки тезиси маърӯзаҳо ба шакли китоб чоп шуда баромадаанд,[2] ягон кори тадқиқотии дигаре гузаронида нашудааст.

Дар охир бояд гуфт, ки Мунзим дар солҳои 20-ӯми ташаккульёбии адабиёти советии тоҷик ҷои босазоеро гирифтааст ва эҷодиёти ӯ қобили тадқиқи чуқур мебошад.

*Шамсулло Девонаев,*
*Юсуф Акбаров*

---

[1] Девонаев Ш., Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 8 январи с. 1963.

[2] Девонаев Ш., Тезисҳои маърӯзаҳо дар конференцияи илмии олимони ҷавони АФ РСС Тоҷикистон, саҳ. 128—130. Душанбе — 1964.



# НАЗМ

## ГУФТАМ: — БА ЧАШМ!

Гуфт дилбар: — Хоки поям бар ба сар. Гуфтам: — Ба чашм,[1]
— Сар зи хоки пои ман камтар шумар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Бар рӯям нигар, хоҳӣ, ки бинӣ моҳро.
Чун шунидам ин сухан з-он симбар, гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Агар хоҳӣ, ки чашми хешро равшан кунӣ,
Сурмае аз хоки пои мо бубар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Бар зулфу хату холи рухам кардӣ назар,
Рост гӯ: шӯхӣ куҷо дорад мақарр.[2] Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Бо худ раҳ мадеҳ дар ишқи зулфу рӯи ман
Хобро рӯзу шабу шому саҳар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Агар захме занам бар синаат аз рӯи ноз,
Ханҷарамро ҷой деҳ мағзи ҷигар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Аз ман гар туро чашми ҳасудон дур кард,
Аз фироқи рӯи ман кун гирья сар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Вақти гирья аз сӯзи дили пур-оташат
Обро бинмой ҳамдӯши шарар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Неҳ меҳри маро андар дилат. Гуфтам: — Ба ҷон.
Гуфт: — Теғамро ба ҷонат деҳ гузар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — Агар гардам малул аз хонаи танги дилат,
Менишон он дам маро ҷои дигар. Гуфтам: — Ба чашм.
Гуфт: — дар дунболи ман чун бод дав. Гуфтам: — Ба сар,
Гуфт: — Мунзим, рез хуноби ҷигар. Гуфтам: — Ба чашм.

---

[1] Тазмин ба ғазали Камоли Хуҷандӣ, ки матлааш ин аст:
Гуфт ёр: — Аз ғайри мо пӯшон назар. Гуфтам: — Ба чашм.
В-он гаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам: — Ба чашм.

[2] Мақарр — ором, оромгоҳ.

## ЭЙ САРВИ МОҲРӮЙ

Эй моҳи сарвқомату эй сарви моҳрӯй[1],
Аз чист тофтан зи мани бегуноҳ рӯй?
Дил аз фироқи туст маро лахта-лахта хун,
Зард аст аз ғами ту маро ҳамчу коҳ рӯй.
То дурам аз висол намудӣ, намудааст
Бар ман зи дарди ҳаҷри ту ҳоли табоҳ рӯй.
Бинмой рӯи хеш, ки меҳр аст ё маҳ аст,
Бар ман, ки додааст, маро иштибоҳ рӯй.
Аз ҳад гузашт нозу тағофул, зи лутфи хеш
Бинмой ҷонибъ мани дилхаста гоҳ рӯй.
Дар ҳар раҳе, ки тарзи хиром оварӣ ба ноз,
Мунзим ниҳад зи аҷз бар он хоки роҳ рӯй.

---

[1] Дар тазмини ғазали Ҷомӣ гуфтааст, ки матлааш ин аст:

Аз меҳри мо матоб рух, эй турки моҳрӯй,
Бинмо зи рӯи меҳр ба мо гоҳ-гоҳ рӯй.

## РАФТУОИ МАНУ ТУ

Ҳар кас, ки мубталои ту, эй дилрабой, шуд,
Кораш зи сӯзи дарду ғамат оҳу вой шуд.
Мурдему бод бурд ба сӯи ту хоки мо,
Моро бад-ин баҳона ба кӯи ту ҷой шуд.
Рафтӣ зи чашму ҷони ман омад ба лаб зи ғам,
Бар ин тариқ, мову туро рафтуой шуд.
Эй симсоқи симбару симтан, туро
Ҳар кас, ки дар канор даровард, бой шуд.
Ҳамроҳи ғайр хандакунон рафт ёру ман
Чандон гиристам, ки таҳи пой лой шуд.
Чун шаммае зи талхии дашноми ёр дошт,
Мақбул дар мазоқи ҳама таъми чой шуд.
Ошӯби ҳолу офати ҷону балои дил
Он чашми шӯхи фитнагари сурмасой шуд.
Нагзоштӣ қадам ба сари Мунзим аз карам,
Ҳар чанд дар раҳи ту сараш хоки пой шуд.

25060
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.
33400

### ОБУ ТЕҒ

Занӣ ба теғу битобӣ руху азоб диҳӣ,[1]
Азоби мо ту ба ин ранг обутоб диҳӣ.
Шудем об зи шавқат, биё, бизан моро,
Агар ба теғ ту, эй гулъизор, об диҳӣ.
Биёву теғ фишон бар гулӯи ташнаи ман,
Ба ташна об агар дар раҳи савоб диҳӣ.
Чу оби хизр ба дасти ту теғ мебинам,
Гулӯи ташна барам пеш, агар ҷавоб диҳӣ.
Намезанӣ ба дами теғи тез, мехоҳӣ
Маро чу моҳии беоб изтироб диҳӣ.
Надода об, ба каф теғ, ташна хоҳӣ кушт,
Чӣ кардаам, ки маро инчунин азоб диҳӣ?
Пуроб чашми ту, Мунзим, зи теғи меҳрвашест,
Ба чашм об ту аз теғи офтоб диҳӣ.

---

[1] Ин ғазалро дар илтизоми обу теғ ба пайравии Восифӣ гуфтааст.

## ТО БА КАЙ?

Золимон дар даҳр меронанд даврон то ба кай?
Мешавад дар коми онҳо чарх гардон то ба кай?
Ҳокимони золими хунхор пайдо мекунанд
Ганҷҳо аз ранҷҳои бенавоён то ба кай?
Қозию миру амиру бою мулло нобаҳақ
Ҳукмрон бошанд бар мо, нотавонон, то ба кай?
Мекунанд аз номи дин, мадьюни[1] ҷавру зулми хеш
Мо ғарибонро гурӯҳе номусулмон то ба кай?
Аз барои суд ин ҳақношиносон рӯзу шаб.
Меҳнату ранҷу зиён бинем моён то ба кай?
Аз ҷафои ҳокимони шаҳр бошад дар азоб
Косибу меҳнаткашу муздуру деҳқон то ба кай?
Эй ҳамиятманд авлоди Бухорои шариф!
Ин қадар бо хок мегардед яксон то ба кай?
Зулми золимро бибояд барканед аз беху бун,
Ин ҳама дар кунҷи зиндон кандани ҷон то ба кай?
Вақти он шуд, к-аз ҷафокорон бигирем интиқом,
Сабр месозед дар занҷири зиндон то ба кай?
Хез, то резем хуни золимон мардонавор!
Чанд биншинем? Бошем ашкрезон то ба кай?!
Ой! То бар хонумони золимон оташ занем!
Хонаи моро бисӯзонанд онон то ба кай?

*июли соли 1920*

[1] Мадьюн — қарздор.

## БАЁНИ ҲОЛ

Гирифторем банди омилони[1] зулму ваҳшатро,
Намебинем з-эшон ҷуз балову ранҷу кулфатро.
Зи ҳар сӯ бар сари мо тири ҷавру зулм меборад,
Намедонанд бузрукҳои моён раҳму шафқатро.
Ҳарифон ҷумла ҷӯёнанд нафъи шахсии худро,
Фақирон дар дами марганд, қурбонанд зиллатро.[2]
Бухоро манбаи илму адолат буд дар вақте,
Кунун ташҳир дода маркази зулму ҷаҳолатро.
Зи ҷаври ҳокимони шаҳр натвонӣ задан ҳарфе,
Чӣ имкон аст ин ҷо рамзи инсофу мурувватро.
Фақирон дар азоб, аҳли ғино[3] дар ишрат осоянд,
Чунин бошад низоми мулк арбоби диноатро[4]
Наояд шаммае инсоф асҳоби[5] тамаввулро,[6]
Набошад заррае тавфиқ арбоби ҳукуматро.
Раият дар азоб афтода аз бераҳмии ҳоким,
Ба мазлумон ба ҷӯш ор, эй худо, дарьёи раҳматро.
Намехоҳем ҳукми ҳокими худрои худсарро,
Мутеонем амри ояи[7] шӯрои умматро.[8]

---

[1] О м и л — ҳоким, фармондеҳ.
[2] З и л л а т — хорӣ.
[3] Ғ и н о — сарват.
[4] Д и н о а т — нокасӣ, пастфитратӣ.
[5] А с ҳ о б — соҳибон.
[6] Т а м а в в у л — давлатмандӣ.
[7] О я — сухан, як сухани тамом.
[8] У м м а т — тарафдор, пайрав.

Диҳад сармашқи таълими маваддат[1] хомаи шӯро,
Кунад тарқим[2] андар сафҳаи бедодamматро[3]
Биёед, эй рафиқон, пеши роҳи зулм барбандем!
Ба рӯи хеш бикшоем абвоби[4] саодатро.
Биё, дар гардани аҳли тааддӣ[5] банд андозем,
Кунем аз банди ғам озод ин бечора миллатро.
Мадор аз ҳокимони шаҳр чашми некию инсоф!
Ба ин бадтинатон нисбат куҷо бошад адолатро?!
Биё, ҳар ҷо ба ҳоли кулбаҳои фақр пардозем!
Бас акнун машқи таъзиму адаб дарбори давлатро.
Фиғон аз дасти ин олимпамоёни ҳавасмашраб,
Намуда доми тазвири[6] нуфузи худ шариатро.
Ҳама тамҳид[7] нозу неъмат аз меҳнат бурун ояд,
Намедонанд мардум дар замона қадри меҳнатро.
Ман аз бигзашта маъзурам, ман аз оянда масрурам,
Зи ҳоли мозию[8] отӣ[9] гирифтам дарси ибратро.
Ба фақру эҳтиёҷу бенавоӣ фоҳирам, Мунзим,
Наёрад фитрати[10] ман сар фурӯ асҳоби сарватро.

*июли с. 1920*

---

[1] Маваддат — дӯстӣ.
[2] Тарқим — рақам, навиштан.
[3] Таммат — тамом кардан.
[4] Абвоб — дарҳо, роҳҳо...
[5] Тааддӣ — зулм.
[6] Тазвир — фиреб.
[7] Тамҳид — фаровонӣ.
[8] Мозӣ — гузашта.
[9] Отӣ — оянда.
[10] Фитрат — табиат, табъ.

## ЭЙ ВАТАН

Эй Ватан, то кай ба дасти душманон бинам туро?
Кай шавад рӯзе, ки ҷои дӯстон бинам туро?
Бӯстон будию хористон шудӣ аз нокасон,
Боз кай бошад, ки боғу бӯстон бинам туро?
Эй Бухоро, эй шарафтавъам Бухоро, то ба чанд
Маскану маъвои хайли нокасон бинам туро?
Чанд аз нодонии авлодҳои нохалаф,
Поймоли ҷабру зулми золимон бинам туро?
Гаштаӣ дар дасти боёни хиёнатгар хароб,
Кай бувад обод аз бечорагон бинам туро?
Чашми он дорам, ки дур аз муфтхорони шарир
Роҳатафзои дили меҳнаткашон бинам туро!
Ман намехоҳам, ки набвад файзи ту махсуси хос,
Файзбахшои ҳама пиру ҷавон бинам туро!

*июли с. 1920*

**ИНҚИЛОБИ СУРХ**

Марҳуни[1] миннати[2] алами комьёби сурх
Гардам, ки пойдор намуд инқилоби сурх.
Гулҳои инқилоб шукуфтан гирифту хонд
Тифли сафедбахт сабақ аз китоби сурх.
Эй теғи инқилоб, маёром дар наём!
Аз хуни бой то наравад рӯди оби сурх.
Бо соилони тира, ки фавҷи сипоҳиянд,
Ҷуз аз даҳони тӯп набояд ҷавоби сурх.
Боист хуни шоҳ бинӯшид, чун шароб,
Боист пухт аз ҷигари ӯ кабоби сурх.
Бояд фиганд каллаи қозӣ, ба хуни ӯ
Бинмуд саллаи сабадашро таноби сурх.
Ҳаргиз магӯ, ки шайх шавад аҳли инқилоб,
Бовар макун, ки ҳаст ба олам ғуроби[3] сурх.
Лаъли лаби нигор макидам ба хоб дӯш,
Халъи[4] амир омад таъбири хоби сурх.
Гардам фидои нуктаи он фитрате, ки кард,
Бо оташин қалам рақами мушки ноби сурх!
«Мамнуни дасти соқии кавсар намешавем,
Аз хуни золимон надиҳад гар шароби сурх.

---

[1] Марҳун — гарав, ба гарав мондани чизе.
[2] Миннат — накӯӣ, эҳсон кардан.
[3] Ғуроб — зоғ.
[4] Халъ — аз ҷой баромадан, сарнагун ва нест шудан.

Лоҳутӣ, он суханвари доно сурудааст
Дар назми обдор пур аз обутоби сурх:
«Дар хуни шайху шаҳнаву шаҳ вочиб аст ғусл,
Дар шаръи[1] инқилоб ба насси[2] китоби сурх».

[1] Шаръ — қонун.
[2] Насс — сареҳу ошкор.

## НАЗИРА БАР ҒАЗАЛИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Ба чашму гардану ҳалқи шаҳон муносибтар
Якест тиру дувӯм ресмон, савӯм ханҷар.
Зи шоҳ мамлакату дузду ҳоли деҳқон шуд
Яке харобу дувӯм дилхушу савӯм абтар.
Ба ақлу ҳушу хирад шайху шоҳу шаҳнаи шаҳр
Яке чу хуку дувӯм чун сагу савӯм чун хар.
Сипоҳи миру вазиру амир монанд аст
Яке ба деву дувӯм бо даду[1] савӯм ба бақар.
Зи ёри бозии шоҳу вазиру мир бувад,
Яке хурӯс, дувӯм кабку саввӯмин кафтар,
Ба ҳаққи халқ шаҳаншаҳ кунонду карду бурд,
Нахуст зорию пас зӯрию савӯмин зар[2]
Ҳазор марг бар ин хонадони султонӣ,
Ки ҳеҷ нафъ надорад ба халқ ғайр аз зарр[3]
Ҳазор шукр, ки шуд инқилобу халқ шуданд
Халос з-ин галаи фосиқи хабиси шар.
Зи инқилоб шуд ободу нотавону зӯр
Яке ҷаҳону дувӯм душману савӯм лашкар.
Забони камбағалу дасти бою гӯши сипоҳ
Яке дарозу дувӯм кӯтаҳу савӯм шуд кар.

---

[1] Д а д — ҳайвони дарранда.
[2] З а р — тилло, нуқра, сим.
[3] З а р р — зарар, бадӣ.

Маорифу ситаму ҷаҳл шуд дар ин овон
Яке баланду дувӯм пасту саввӯмин камтар.
Кунанд халқ адибу муаллиму духтур,
Нахуст хоҳару дуввӯм зану савӯм духтар.
Ба дафъи ҷоҳилию аҳмақию нодонист
Китоб — бумбаву найза — қалам, сипар — дафтар.[1]

---

[1] Матлаи ғазали Адиб Собири Тирмизӣ ин аст:

Зи ноибони руҳу чашму зулфат, эй дилбар,
Яке гул асту дувӯм наргису савӯм анбар.

## ХУРСАНДИИ ТОҶИК

Гурӯҳе, ки буданд эшони эшон.
Ба якборагӣ зад бадишон, бадишон.
Касоне, ки фармонбари шоҳ буданд,
Зиён кард фармонбаришон, баришон.
Шаҳон гург буданд, чун гӯсфандон
Гирифтор будем мо, синарешон.
Зи меҳнат расондем рӯзи шаҳонро,
Намуданд тороҷу яғмо валишон.
Ҷафо сахт дидем мо, халқи тоҷик,
Зи шоҳу зи шаҳна, зи шайху зи эшон.
Чу кард инқилоби қавӣ синфи мазлум,
Дигаргун шуд аҳволи ин зулмкешон.
Ба гирди шаҳ онон, ки дилҷамъ буданд,
Шуданд охир аз хотири мо парешон.
Аз он рӯз шуд бахт бо мо мувофиқ,
Халосӣ ҳама ёфтем аз бадишон.

## ТАЗМИН БА ҒАЗАЛИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,[1]
Ба зери пои ӯ қурбон кунам шоҳи Бухороро.
Бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
Чунин рӯзе, ки мерезанд хуни шайху муллоро.
Сухан аз мутрибу маъшуқу май хӯрдан макун, бархез,
Ки аз зулми амирон пок гардонем дуньёро.
Ман аз он ҳирси рӯзафзун, ки сарват дошт, донистам,
Ки меоранд шоҳон бар сари дуньё балоҳоро.
Бадам гуфтию хурсандам, афокаллаҳ, накӯ гуфтӣ,
Ки ман лабрез бинмудам зи хуни бой дарьёро.
Раҳи расми коммунистӣ зи маддоҳ аст мустағнӣ,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо.
Насиҳат бишнав аз Ленин, ки чун ҷон дӯст медоранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.
Фиғонҳо, к-ин зиёдорони шӯрангези шаҳрошӯб
Намедонанд қадру қимати даврони шӯроро.
Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон Ҳофиз,
Ки бедорӣ диҳӣ хобандагони дори дуньёро.

---

[1] Матлаи ғазали Ҳофиз ин аст:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

## БАТРАКОН

Кимиёгар метавонам гуфт ҳар батрокро,[1]
З-он ки бо гавҳар баробар менамояд хокро.
Шарбати ангур дар коми касон кай мерасад,
Гар насозад сабз батрак беххои токро?
Баччаи батрок, бояд олиму пуркор шуд,
Варна рӯзӣ нест ҳар бекору беидрокро.
Сӯхт ҷони золимонро инқилоби батракон
Ҳамчу олове, ки месӯзад хасу хошокро.
Пеш аз ин чун батракон ҳаргиз касе ғамгин набуд,
Баъд аз ин ҳаргиз набинам батраки ғамнокро.
Чашми он дорам, ки бинам соҳиби иқболу бахт
Батраки боғайрати корандаи чолокро.
Дар дили ман дӯстии батракон ҷо кардааст,
Ҷойгире ҳамчунин боист ҷои покро.

*октябри с. 1928*

---

[1] Батрок — батрак.

## МЕБОИСТ КАРД

Ҷаҳлро аз Тоҷикистон дур мебоист кард,
Аз барои дурии ӯ сур[1] мебоист кард.
Миллати тоҷик то гардад халос аз дарди ҷаҳл,
Духтари тоҷикро духтур мебоист кард.
Фош мегӯям, ки мастурист[2] айби духтарон,
То ба кай ин айбро мастур мебоист кард?
Бой ҳаққи заҳмати заҳматкашон хӯрду нагуфт,
К-издиёди[3] музд бар муздур мебоист кард.
Хуни золимро бибояд ҷои май нӯшид, агар
Нафъи ранҷи хотири махмур мебоист кард!
Кард кохи[4] зулмро аз беху бун бояд хароб,
Хонаи олам аз ин маъмур мебоист кард.
Кушт бояд шоҳро дар рӯзи базми инқилоб,
Каллаашро косаи танбӯр мебоист кард!
Рехт ҳамчун об хуни шайхро бояд ба хок,
Хешро аз ин амал масрур мебоист кард.
Фитнаҳои шайхи шоҳидбозро [5] бе тарсу бим
Дар ҳама рӯи замин машҳур мебоист кард.
Бо тавофи Каъба ҳоҷат нест, гар хоҳӣ савоб,
Тавф дар даври дили ранҷур мебоист кард.
То шавӣ озод, Мунзим, аз ғаму ранҷи ҷаҳон,
Бандагӣ дар шохаи ангур мебоист кард.

---

[1] Сур — тӯй, хурсандӣ.
[2] Мастур — пӯшида, пинҳон.
[3] Издиёд — зиёд кардан.
[4] Кох — кӯшк, хона.
[5] Шоҳидбоз — бачабоз, фоҳишабоз.

## НАБУВАД ҲЕҶ

Дар олам агар одами нодон набувад ҳеҷ,
Бар тоифаи муфтхӯрон нон набувад ҳеҷ.
Монанд ба олам ҳама урьёну гурусна,
Гар меҳнати коригару деҳқон набувад ҳеҷ.
Шӯру шағабу фитнаю ғавғо набарояд,
Дар даҳр агар халфаю султон набувад ҳеҷ...
Гар пайрави ислом ҳамин ҷонаваронанд,
Мунзим паи куфр асту мусулмон набувад ҳеҷ,
Шуд давраи озодию даврони нав имрӯз,
Парвои кас аз кӯҳнапарастон набувад ҳеҷ.
Озод шуд аз банди фаранҷӣ зану духтар,
Албатта, ки ҷон лоиқи зиндон набувад ҳеҷ,
Дар зери фаранҷӣ зи чӣ бошад зану духтар?
Хуршед, ки дар пардаи пинҳон набувад ҳеҷ.
Гуфтанд зану духтари озода, ки чизе
Даркортар аз донишу ирфон набувад ҳеҷ.
Рафтанд зану духтари тоҷик ба мактаб,
То илму ҳунар дур зи эшон набувад ҳеҷ.
Диданд, ки монанди дабистон сараю нағз
Аз баҳри занон боғу гулистон набувад ҳеҷ...

*декабри с. 1928*

## КОЛХОЗ ШУД

Батраку заҳматкаше, ки дохили колхӯз шуд,
Бар тамоми муштзӯрон ғолибу фирӯз шуд.
Хоҷагии якка то шерик шуд колхозро,
Кору бори ӯ баҷову хуб рӯз аз рӯз шуд.
Хоҷагиҳои хусусӣ дар зиёну заҳматанд,
Лек колхӯз аз ҳама ҷо манфиат-андӯз шуд.
Деҳқонро яккадастӣ тирадил мекард, лек
Дастҷамъӣ баҳри ӯ як меҳри дил-афрӯз шуд.
Душманон бар зидди мо коре натонистанд кард,
Гарчи дар ин фикрашон бисьёр шабҳо рӯз шуд.
Ошкоро аз гуноҳи фирқаи санъатчиён
Фитнаҳои англису макри фаронсуз шуд.
Душмани шӯро ба шӯр омад, валекин дуди оҳ
Аз ниҳоди ӯ бурун чун ҳезуми нимсӯз шуд.
Чашми душманро ривоҷи мо на танҳо кӯр кард,
Пешрафти мо барои хасм ҳам ҷонсӯз шуд.
Бо ривоҷи кори шӯро буд ҳар кас хосткор,
Тезрав дар пахтачинӣ ҳамчу аспи бӯз шуд.
Халқи хасму аскару деҳқон ба саъйи шӯравӣ
Буз[1] шуд, нимсӯз шуд, фирӯз шуд, колхӯз шуд.

---

[1] Б ӯ з — пешрав.

33400

## ПАХТАЧИНӢ

Пур аст ҷумла раҳгузар зи хели раҳгузорҳо,
Ки мераванд марду зан ба сӯи пахтазорҳо.
Зи пахта буд ҳар замин кушода фарши махмалин,
Ба меҳмони пахтачин кашида интизорҳо.
Чинакчиёни пурҳунар ба шавқу завқи якдигар,
Намуда кор сар ба сар, на даҳ, на сад, ҳазорҳо.
Наи навӣ навохта, ба сӯи кор тохта,
Ба ҳар канор сохта зи пахтаҳо манорҳо.
Зи ғайрати чинакчиён сареҳ буду ҳам аён,
Ки мекунанд пур плон тамоми пахтакорҳо.
Чинакчиён ба ҳар қадам зи пахта чида дам ба дам,
В-аз он сипас гирифта дам ба сояи чинорҳо.
Хушам зи пахтазорҳо, чаро ки бор борҳо
Ба авҷи эътиборҳо расад зи пахтакорҳо.
Бародаро, намой кишт, ки аз ниҳоли пахта дашт
Ҳазор бор хуб гашт зи ҷумла марғзорҳо.

## МАКТАБ

Бувад файзу саодат ҳосили туллоб[1] дар мактаб,
Ки аз файзу саодат ҳаст, фатҳулбоб[2] дар мактаб.
Шавад бо каъбаи мақсуд восил зудтолиб ҳам,
Шавад аз замзами илму адаб шодоб дар мактаб.
Зи баҳри илму ирфон баҳри сайди моҳии матлаб,
Тавон аз саъй овардан ба каф қуллоб[3] дар мактаб.
Ало атфоли боиқбол, бар-ояеду бинмоед
Ҳусули гавҳари зӣ-қимати[4] одоб дар мактаб.
Ало, эй ташнакомони зулоли маърифат, оед,
Хӯред аз чашмаи илму маориф об дар мактаб.
Агар хоҳед кардан синаро ганҷинаи маънӣ,
Бар ин матлаб расидан ҳаст, эй аҳбоб, дар мактаб.
Намедонанд роҳи дину оини мусулмонӣ,
Наёмӯзанд то ислом шайху шоб дар мактаб.
Биё, эй толиби хушбахт, таҳсили маориф кун,
Ризои ҳазрати парвардигорӣ ёб дар мактаб.
Ба юмни[5] иқтибоси[6] нур аз анвори меҳри илм
Мунаввар кун замири хеш чун маҳтоб дар мактаб.

---

[1] Туллоб — ҷамъи толиб.
[2] Фатҳулбоб — кушоиши корҳо.
[3] Қуллоб — хори оҳанини хамидаи ҳалқа, шаст.
[4] Зӣ-қимат — қиматбаҳо, азиз, мӯҳтарам.
[5] Юмн — муваффақият, хурсандӣ, шарофат.
[6] Иқтибос—ҳосил кардани чизе ба саъи худ, касб карда

Ғар, эй толиб, талабгори биҳишти ҷовидон бошӣ,
Ба рӯят мекушояд аз биҳишт абвоб дар мактаб.
Машав дилтира аз ҷаҳлу бирав мактаб, ки мегардад
Дили торик чун хуршеди оламтоб дар мактаб.
Барои дафъи хасми хонасӯзи хеш, яъне ҷаҳл
Муҳайё метавонӣ кард ҳар асбоб дар мактаб.
Ба дафъи лашкари удвони[1] ҷаҳл аз қуввати ирфон
Қавибозу шавӣ аз Рустаму Сӯҳроб дар мактаб.
Ғар аз хоби ҷаҳолат орзуи мухлисӣ дорӣ,
Халосиҳо муяссар мешавад з-он хоб дар мактаб.
Дилат бо тобиши хуршеди ирфон гарм агар бошад,
Наёӣ аз таби ҷаҳл, эй писар, бетоб дар мактаб.
Барои рафъи[2] амрози ҷаҳолат ҳаст омода,
Зи шаҳди илму ирфон шарбати унноб дар мактаб.
Илоҳӣ ташнагони маърифат — авлоди миллатро
Ба лутфат аз зулоли илм кун сероб дар мактаб.
Чу иқболат баланду толеат фаррух бувад, Мунзим,
Шавӣ раҳъёб агар аз мавҳибу[3] аз ҳоб[4] дар мактаб.
Бувад чун манзили поки муқаддас буданаш собит,
Наёбад роҳ, ё раб, хоину каззоб дар мактаб.
Кунад гар иртикоби пешаи қалбе зи беорӣ,
Худоё, сӯз қалбу қолибу қуллоб дар мактаб.
Агар набвад муаллим соҳиби илму адаб, толиб
Ба дарьёи разолат мешавад ғарқоб дар мактаб.
Чӣ тадбири савобе ҳаст нофеъ ин, ки то воқеъ
Нагардад ҳеҷ гоҳ аз нокасон дӯлоб дар мактаб.
Салоҳу хайр мактабпарваронро ҳаст, агар бошад
Зи фикри босавоби «мир» истисвоб[5] дар мактаб...
Шуда аз ҷинси маънӣ синаи бекинаи покаш

[1] Удвон — душманӣ кардан, душман.
[2] Рафъ — бардоштан ва ҳаракат пеш додан.
[3] Мавҳиб — бахшиш.
[4] Ҳоб — эҳтиром, ҳурмат.
[5] Истисвоб — таҳсинкунӣ, тақдиркунӣ, маъқульёбӣ.

Муҳити гавҳари шаҳвору дурри ноб дар мактаб.
Ба файзи хеш файёзи ҳақиқӣ хилъаташ карда,
Зи ҷинси илму ирфон атласу кимхоб дар мактаб.
Агар дар боби одоби муаллим мултафит[1] гардад,
Наёбад роҳ ҳаргиз одами нобоб дар мактаб.
Чу ман бинанд анвои[2] ионат, толибон ӯро
Дуогӯю саноховананд аз ҳар боб дар мактаб.
Ба авлоди кироми ӯ карам кун, ё раб, аз лутфат
Зи нақди илму ганҷу гавҳари ноёб дар мактаб.

---

[1] Мултафит — баргашта, ба сӯи касе чизе нигаронда.
[2] Анвоъ — навъ.

## ТАБРИК БА ЮБИЛЕИ СИСОЛАГИИ ЭҶОДИЁТИ РАФИҚ ЛОҲУТӢ

Баёни васфи Лоҳутӣ ба иҷмол,[1]
Агар хоҳам намоям, кай расад ҳол?
Чу ӯе месазад ӯро муарриф,[2]
Кунад то васфи ӯро шарҳу тимсол.[3]
Назираш нест дар нозукбаёнӣ,
Сухандонест бемонанду амсол.
Забонаш содаву ширину дилкаш,
Баёнаш тозаву рангинтар аз ол[4].
Суханҳои фасеҳи ӯ малеҳ[5] аст,
Каломаш ҳаст беиғлоқу[6] ишкол.
Малоҳат аз каломаш ҳусн гирад,
Фасоҳат аз баёнаш ёбад икмол.[7]
Чунон дар шеър устод асту моҳир,
Ки аз назмаш Низомӣ мешавад лол.
Фазояд рӯҳ, агар ашъори ӯро
Саронд дар суруди хеш қаввол[8]
Шавад устоди санъаткор шогирд
Ба ин устоди мо бе қилу бе қол.

---

[1] Иҷмол — мухтасар.
[2] Муарриф — шиносондан.
[3] Тимсол — тасвир, сурат.
[4] Ол — ранги сурх, навъе аз шароб.
[5] Малеҳ — намакин.
[6] Беиғлоқуишкол — соддаву фаҳмо, осон.
[7] Икмол — такмил, мукаммал шудан.
[8] Қаввол — гӯянда.

Миёни шоирони сурхи тоҷик
Мақоми раҳбариро карда ишғол.
Ба ибқои [1] вуҷуди ин суханвар
Адибон фахр месозанд ҳар ҳол.
Набинад ҳеҷ як аҳли фазилат
Аз ин фозил ба ғайр аз фазлу ифқол [2]
Зи ҳар бобат камокон асту некӯ
Ба гуфтору ба рафтору ба афъол. [3]
Чу Лоҳутӣ, ки шахси лоилоҳ аст,
На бо дин аст ӯро кору кочол, [4]
Зи мавҳумии эзид нест ғофил,
Зи макри дин на ӯро ҳаст иғфол [5].
Раҳи дину худоро бо далоил
Кунад бисьёр устодона ибтол [6].
Мар-ӯро доимо ҳам аз дилу ҷон
Бақои социализм аст омол [7].
Ба роҳи фирқаи ленинӣ ӯ рост
Накӯрафтору ҳам — афкору аъмол [8]
Ба иҷрои мароми фирқа ҳаргиз,
Намесозад ба ҳеҷ аҳвол эҳмол [9]
Фидокор аст дар фармони фирқа,
Дар ин роҳ аст ҳам чолоку фаъол.
Хилофи фирқа аз вай рӯй надҳад
Ба аъмолу ба афъолу ба ақвол [10].
Чу буд аз содиқони роҳи фирқа,

---

[1] Ибқо — дар қайди ҳаёт будан.
[2] Ифқол — ҳунарманд.
[3] Афъол — кор, амал.
[4] Кочол — шароит, ваъзият.
[5] Иғфол — ғофил сохтан, ба ғафлат андохтан.
[6] Ибтол — рад кардан, ботил кардан.
[7] Омол — ҷамъи амал, ба маънии умед аст.
[8] Аъмол — корҳо.
[9] Эҳмол — танбалӣ, сахлангорӣ.
[10] Ақвол -- қавлҳо, суханҳо.

Ба фирқа дер боз ӯ гашта идхол [1].
Расонад фирқаи ленинии мо
Чу Лоҳутӣ ҳазорон пешу дунбол.
Зи теғи хомаи ӯ хасми шӯро
Ба хуни хеш тар гардида ғассол [2].
Забардасте, ки душманро намояд
Ба зӯри қавлу зарби хома помол.
Ба зидди хасми синфӣ хомаи ӯ
Чу теғу найзаву тир аст қаттол.
Барад бар душмани синфии худ ҷанг,
Кунад бар муштзӯрон сахт ҷанҷол.
Харош аз нутқ созад синаи хасм,
Дили ӯро ба неши хома ханҷол.
Суханҳояш барои душманон заҳр,
Вале андар мазоқи [3] дӯстон бол.
Зи таърихи сари эҷодиёташ,
Гузаштааст то имрӯз сӣ сол.
Аз ин рӯ, гашта матбуоти шӯро
Дар ин дам тантанапардози ин ҳол,
Маросимҳои табрики адибон
Зи Лоҳутӣ шавад имрӯз иқбол.
Кунам ӯро зи дил табрику созам
Саломи меҳрбори хеш ирсол [4].

---

[1] Идхол — дохил шудан.
[2] Ғассол — мурдашӯй, бо хун оғушта шудан.
[3] Мазоқ — завқ.
[4] Ирсол — равон кардан, фиристодан.

## БИСТУ ЯКӮМИ ЯНВАРЬ

Кадом рӯз, ки шуд бисту яккӯми январь,
Зи шоми ҳаҷр расонад ба ҳар машом хабар?
Кадом шом?
Зи шабҳои тор ҳам торик.
Кадом ҳаҷр?
Халанда ба дил зи теғу табар.
Чӣ шуд, ки шом чунин гашт тираву торик?
Чӣ шуд, ки ҳаҷр чунон сӯхт хонаҳои ҷигар?
Чаро ки мурд дар ин рӯз доҳии олам,
Ки буд олами илму ҷаҳони фазлу ҳунар.
Ҳазору нӯҳсаду бисту чаҳор буд сана,
Расида буд ба бисту якӯм маҳи январь,
Самуми марг расиду вазид бōди аҷал,
Бирафт аз сафи мо Ильич, он ягонаи даҳр.
Агарчи мо ҳама мондем, бе Ленин имрӯз,
Ба коми талху лаби хушку дидаҳои тар
Ва-гарчи сӯхт дилам дар даруни бӯтаи[1] ғам
Аз ин фироқ, вале шод ҳаст аз ин дар,
Ки гарчи мурд Ленин, зиндааст афкораш,
Раҳи кушодаи ӯро фарох шуд қаду бар.
Вафот кард Ленин, вале чароғи ӯ
Зи аввалааш шуда истодааст равшантар.
Гузашт Ленин агарчанд аз ҷаҳон имрӯз,

---

[1] Бӯта — номи зарфи кӯчаке, ки аз гил созанд, кӯра.

Гузошт ҷойнишинҳои нағзи донишвар.
Зи саъйи фирқаи ӯ ёфт синфи коргарон
Ба душманони бадандеши хеш фатҳу зафар.
Фитод зилзила дар сохтмони буржуозӣ,
Аз ин бинои капитал кафид сар то сар.
Ба буржуозии маҳаллӣ чунон мубориза бурд,
Ки ҷумла бе сару сомон шуданду зеру забар.
Намуд фирқаи ӯ иттифоқи шӯроро
Ба иттифоқ чу ибратгаҳи ҷаҳони башар.
Чунон бидод ба меҳнат ривоҷу қимату қадр,
Ки синфи коргар афрошт то ба гардун сар.
Намуд кишвари СССР чу маҳди амон,
Зи ҳифзи лашкари ҷаррори оҳанинпайкар.
Ба роҳ бурд чунон нағз кори коллектив,
Ки гашт сӯи адам муштзӯр роҳсипар.
Фикан ба ранҷбари хоки Тоҷикистон чашм,
Ки аз мусобиқаву иттифоқи якдигар
Ба сохтмони асосии социалистӣ
Чӣ гуна даст кушоду чӣ гуна баст камар.
Бапо намуд биноҳои социалистӣ,
Гиганти мавзеи Варзобу Вахшу чанди дигар...
Ба ҳар канору ба бисьёр гӯшаҳои хароб
Шуданд бонии[1] сарчашмаҳои илму ҳунар.
Шуниду дид тараққии кори мо, гарчанд
Ҳар он ки буд чу кӯру ҳар он ки буд чу кар.

---

[1] Бонӣ — бинокунанда, асосгузор.

# ҚИТЪАОТ

## КАМБАҒАЛ ВА БОЙ

Як даридаҷомаи жӯлидамӯй,
Бенавою камбағал хушкидалаб,
Рафт андар хонаи як бои шаҳр,
То кунад аз бой имдоде талаб.
Он қадар наздик шуд дар пеши бой,
Ки набуд дурӣ ба ғайр аз як ваҷаб.
Камбағал чун ин ҳама густох шуд,
Бой аз ин кори вай омад дар ғазаб.
Хост бо як ҳарфи заҳролуди хеш
Рӯзи ӯро тира созад ҳамчу шаб.
Рӯ ба сӯи камбағал оварду гуфт,
Ки: «Сияҳбахту гадои беадаб,
Байни тую хар чӣ миқдор аст фарқ?»
Камбағал гуфто, ки: «Бошад як ваҷаб».

*октябри с. 1928*

## ҲАШТУМИ МАРТ

Магар ҳаштуми моҳи март аст имрӯз,
Ки аз хуррамӣ пур бувад кӯю барзан.[1]
Дар ин рӯз аз банду басту забунӣ
Дар иқлими мо гашт озод ҳар зан.
Фаранҷӣ ту партой, эй духтари Шарқ,
Аз он рӯи софӣ туро з-оби нарзан.
Кунун кори мо социализмсозист,
Ту ҳам остин баҳри ин кор барзан.
Касе, к-ӯ зану мардро як надонад,
Вуҷудаш наярзад ба як ними арзан.
Ҳар он кас, ки озодии зан нахоҳад,
Бараш пои дору биёвезу барзан.
Ба рӯи замин ҳеҷ як мард пайдо
Намешуд, ба гетӣ намебуд агар зан.
Бувад назди мардони боҳуш беҳтар
Зи ёқуту алмосу дурру гуҳар зан.
Мураббӣ ба навъи башар нест чизе
Ба андешаву фикр, Мунзим, магар зан.

[1] Барзан — кӯча.

# ТАРОНА

## ҒАЛЛАТАЙЁРКУНӢ

Ту агар кор кунӣ,
Кишти пурбор кунӣ,
Бахтро ёр кунӣ,
Хасмро хор кунӣ,

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Ёфтӣ завқу фароғ,
Меравӣ ҷониби боғ,
Ки димоғат кунӣ чоғ,
Гар кунӣ чоғ димоғ

Пешаи хеш намо
Ғалла анборкунӣ...

Боиси хайру пурист,
Асари пурҳунарист,
Аз ҳама бохабарист,
Файзу фазли башарист.

Пешаи хеш намо,
Ғалла бисьёркунӣ...

Пешаи фирқавӣ аст,
Кӯҳнагӣ не, навӣ аст,
Ба хирад пайравӣ аст,
Шарти одамшавӣ аст,

Пешаи хеш намо,
Ғалла бисьёркунӣ...

Хасми ту аз ҳама боб
То шавад хору хароб,
Дидааш бод пуроб,
Ҳам фитад дар табу тоб.

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Комсомолон бикунанд,
Мулк пурнон бикунанд,
Нарх арзон бикунанд,
Мушкил осон бикунанд...

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Ки ҳама шод шавад,
Аз ғам озод шавад,
Мулк обод шавад,
Хасм барбод шавад.

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Ки ҳама сер шаванд,
Дӯстон шер шаванд
Душманон зер шаванд,
Зуд, на дер, шаванд.

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Хуб ҳушьёр бишав,
Ҳам хабардор бишав,
Ба сари кор бишав,
Садди бозор бишав,

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

Бойҳо то нараванд,
Муштзӯрон надаванд,
Ғаллаҳоро нахаранд,
Нахаранду набаранд.

Пешаи хеш намо
Ғалла тайёркунӣ...

## РУБОӢ

Эмин ҳамаро ҳақ аз асас[1] гардонад,
В-аз бӯи бади ӯ, ки нафас гардонад.
Гар ӯ набувад асас, чаро ин миқдор
Дарвозаи халқро нацас гардонад.[2]

---

[1] Асас — касест, ки ба муҳофизати шаҳр дар шаб гардад, шаҳнаи шаб.

[2] Абдураҳимбек ном миршаби Бухоро ҳар шаб ба воситаи маъмурони худ ба дари хонаи мардумон рафта, ба номус нацосат мемолид, субҳ эшонро гунаҳгор карда, ба ҳабс гирифта, царима меситонид. Мунзим дар ҳаққи он миршаб ин рубоиро гуфтааст.

## ФАРД

Имрӯз димоғи гули шаббӯй надорам,
Шаббӯй аз он турраи шабранг биёред.

## ДАР БОРАИ АЛИФБОИ НАВУ КЎҲНА

Чун алифбои нав аз ҳарфи латинӣ шуд дуруст,
Зуд бозори алифбои араб гардид суст.
Дар раҳи илм ин алифбои нав аст айруплон
В-он алифбои араб бошад ҳимори нотавон.
Дар дабистон аз алифбои араб ҳар кас, ки хонд,
Бегумон, андар азоби ҷонканӣ боист монд.
Баски осон аст алифбои нав аз ҳад ҳам зиёд,
Дар се ҳафта метавон шуд соҳиби хатту савод.
Лек алифбои араб бисьёр душвор асту низ
Лоақал се сол бояд сарф кард умри азиз.
На бар ӯ, аз баҳри як савт аст чандин ҳарф кам,
На зи баҳри чанд савте чашм мепӯшанд ба ҳам.
Ҳаст як осонии ин аз алифбои араб
Рафт даст аз рост дар вақти навиштан сӯи чап.
Дар хати лотин, ки бар ҳар ҳарф як шакл асту бас,
Мушкилӣ андар навишту хон намеояд ба кас.
Дар алифбои нав имкон нест гардад, «кард» — «курд»,
«Кишт» — «кušт»-у «сир» — «сер»-у «дур» — «давр»-у «мард» — «мурд».[1]
Бо алифбои араб ҳамранг бошад «шир»-у «шер»,
Мерасад шакли забар андар назар монанди зер.

[1] Тарзи навшитани калимаҳои «кард»-у «курд», «кишт»-у «кушт», «сир»-у «сер», «дур»-у «давр», «Мард»-у «мурд» ва монанди инҳо дар алифбои арабӣ якхелааст.

Шакли «оқил»-ро нависад дар хаташ «ғофил» араб,
Сурати «гул» бетафовут буданаш аз «гил», аҷаб
Аз барои «и»-ю «у»-ю «ӯ» надорад ҳеҷ чиз
В-аз барои ҳарфи «а»-ю «е» надорад чиз низ.
Савти «зе» дорад валекин чор шакли ранг-ранг,
Халқ аз ин ашкол дар ашколу гардида гаранг.
Савти «се» ҳам инчунин дорад се ҳарфи мухталиф,
Дар навишту хон кунад хотир ба ҳар сӯ мунҳариф
Ҳарфи «то»-ю «ҳо»-ю «айн»-и ӯ, ки аз ҳар як дуест,
Аз барои зеҳнро ташвиш додан доруест.
Оламе дар ҳайрат аз техникаи вайрони ӯ,
Як ҷаҳон сарсони суратҳои бесомони ӯ...
Шоду мамнун гаштаем имрӯз мо аз бахти хеш,
Баски берун шуд алифбои араб бо рахти хеш.

*с. 1929*

## БА ШАРАФИ ҲАШТӮМИ МАРТ

Имрӯз расид ҳаштӯми март,
Дар оташи ғусса хасм шуд парт.[1]

Зеро ки занони мо дар ин рӯз
Бар душманашон шуданд фирӯз.

Ин ҳаштӯми март турфа рӯзест,
Як рӯзи хуши ҷиҳонфурӯзест,

К-имрӯз дар Иттифоқи шӯро,
Дар соҳаи бенифоқи шӯро,

Пайдост басе муваффақият,
Бар зидди адӯ музаффарият.

Бисьёр ба авҷ шуд саноат,
Маҳсули зиёд шуд зироат.

Шуд беш ба душманони синфӣ
Фирӯзии дӯстони синфӣ.

Гардид плони панҷсола
Анҷом ба зарфи чорсола.

---

[1] Парт — сӯхтан.

*

Акнун ки ба панҷсолаи ду
Карданд пролеторҳо рӯ.

Бесинф кунем ҷамъиятро,
Дур офату зӯр офиятро.

Бархам бизанем муштзӯрӣ,
Нобуд кунем муфтхӯрӣ.

Якҷоя шавед, хоҷагиҳо!
Боло биравед, хоҷагиҳо!

Санъат ёбад бутун тараққӣ,
Техника кунад фузун тараққӣ.

Аз равнақи илму ҳам маориф
Гарданд тамоми халқ ориф.

*

Аммо шудаанд буржуозон
Ғарқобаи баҳрҳои бӯҳрон.

Бекорию гушнагӣ дар он ҷост,
Урьёну бараҳнагӣ дар он ҷост.

Бозори матоашон касод аст,
Доим ба миёнашон фасод аст.

Бӯҳрон ҳамаро фаро гирифтааст,
Гирди ҳамаро бало гирифтааст.

Он ҷо ҳама корҳо пас афтод,
Марду занашон ба доду фарьёд.

Беравнақӣ аст дар саноат,
Беҳосилӣ аст дар зироат.

*

Ин ҳаштӯми март рӯзи ид аст,
Як рӯзи мубораку саид аст.

Имрӯз дар Иттифоқ ид аст,
Дар олами буржуо ваид [1] аст.

Ин иди саидро зи наздик
Созем ба иттифоқ табрик.

Гӯем, ки зинда бод фирқа!
Поянда ву низ шод фирқа!

---

[1] Ваид — бадӣ, бим додан.

## ИНҚИЛОБИ ҲОЛИ ДЕҲҚОНОН — ЗАФАРИ ПАХТАКОРИИ ОНОН

### I

Ранҷбару батраку меҳнаткашон
Буд аз ин пеш чунин ҳолашон:
Шому сабоҳу дами лайлу наҳор
Гушнаву ташна шуда машғули кор.
Хоҳ баҳор аст в-агар тирамоҳ,
Дар хунуку гарм накарда нигоҳ,
Юғ ба гав бастию ронди̅ замин,
Сурма барин хок намуди̅ маҳин.
Кор ба шудгор расиди̅ агар,
Буд намуди̅ зи ҳама пештар.
Мазраи худ сер зи пору кунанд,
Он чи̅, ки даркор, такопӯ кунанд.
Вақти ҳашар гар бирасад, ҷӯйбор
Тоза намоянду шаванд обьёр.
Дигар аз ин, он чи̅, ки дар киштукор,
Ёфтани̅ бояду ояд ба кор,
Чун хару аспу гаву амсоли он
Соҳиби ҷон бошаду ё ғайри ҷон,
Молаву дандонаву омочи соз,
Оҳану юғу дигар асбоб боз,
Досу каланду аракаҷкорд, бел
Кашшаи порӯкашию з-ин қабил...
Аз паи таъмини ҳамин молҳо
Дида басе кулфату бад ҳолҳо.

Бахри яке қарз намудӣ зи бой.
Бахри дигар бо дигаре илтиҷой.
Ҷамъ кунанд ин ҳама то сар ба сар,
Дар таҳи ташвиш шудӣ хунҷигар.
Алғараз, инҳо ба ҳамин расму роҳ,
Фасли баҳорону дами тирамоҳ.
Марду зану баччаву хурду кибор
Мебинамуданд ҳама кишту кор.
Вақти хишова зи тагу рӯи хок,
Дур намудӣ алафи ғайр пок.
Як-ду-се дафъа бинамудӣ каланд,
То ки шавад ҳосили пахта баланд.
Кишт чу гоҳе ки шавад оббоб,
Сер намудӣ ҳамаи кишт з-об.
Пухт зи як сар чу ҳама кошта,
Доси даравро ҳама бардошта,
Домани меҳнат ба камар барзананд,
Киштварон ҷумла даравгар шаванд.
Ҳосили ғалла бинамоянд тӯб,
Аз хару аз гов бубанданд хӯб.
Кӯфтани ғалла чу итмом ёфт,
Бодгарӣ низ чу анҷом ёфт,
Коҳ ба як сӯй чу хирвор шуд,
Гандумашон хирмани тайёр шуд.
Мешавад аз ин дилашон ҷамъу шод,
Меравад аз хотирашон ғам ба бод,
К-аз паи меҳнат дами роҳат расид,
Ҳосилашон бе каму офат расид.
Бинад аз ин пас лаби мо нони гарм,
Солиму осуда шавад ҷони гарм.
Чун хару халта сари хирман баранд,
То ки ҳама дона ба хона каманд.
Сӯфию арбобу имом оваранд,
По ба сари хирману ҳозир шаванд.

Бой ба сад ваҳшату кибру ғурур,
Вай ҳам аз ин давра намонад ба дур.
Чун бакавули сари тайёр ош,
Ҳисса бигиранд аз он тӯда чош.
Сӯфию арбоб барад ҳиссае
Низ имом, ин чӣ аҷаб қиссае?
Бой дар он ҳол шавад ҳақталаб,
Пас, кунад оғоз ба ин соз гап:
«Пеш аз ин додаамат панҷ пуд,
То ки диҳӣ панҷи дигар баҳри суд.
Даҳ пуд аз ин гандумат аз ваҷҳи қарз,
Додани ту ҳаст ба ман дайну фарз».
Бою ҳама думрави он муфтхӯр,
Аз раҳи маккорию бӯҳтону зӯр.
Нимаи он ғалла ба ғорат баранд,
Мушсифат дона ба хона кашанд.
Хаста шавад хотири меҳнаткашон,
Муфт равад нимаи маҳсулашон.
Он чӣ ки з-ин ғорату тороҷ монд,
Зуд сӯи хона бубояд кашонд.
Боқии ғоратшударо зудтар
Бор намоянд ба болои хар.
Гарчи ба ин кор таассуф кунанд,
Лек ба худ боз тасаллӣ диҳанд.
Ҳар чӣ шуд аз қарз, ки дарди сар аст,
Форигу озод шудан беҳтар аст.
Пас, ба ҳамин дилхушию хеш шод
Гашта, насозанд ғаму ғусса ёд.
Чун ҳама гарданд ба осудагӣ,
Тан ба ризо додаи ин будагӣ.
Тақ-тақи дарвоза шавад ногаҳон,
Доруғаи [1] мир шавад меҳмон.

---

[1] Доруға — ҳоким, амлокдор.

Хоҳиши доруға, ки бе интизор
Худ биситонад пули амлокдор.
Лек ба сад зорию аҷзу ниёз
Мӯҳлати серӯза бигиранд боз.
Бахри адои пули амлокдор,
Ҳар чӣ, ки доранд, равад як қатор.
Не хару гав монду на гандум, на ҷав,
Кӯрпаву такья чи кӯҳна чи нав.
Худ зану фарзанд гурусна шаванд,
Гушнаву урьёну бараҳна шаванд.
Соли дигар то ки бигиранд гав,
Боз намоянд ба боён гарав.
Сол ба ин ҳол ба соли дигар
То бирасад, кор шавад сахттар.
Оқибат аз ҳавлию боғу замин
Даст бишӯянду кашанд остин.
То ба дами шаъшааи инқилоб
Ҳол чунин буд бар эшон хароб.

## II

Чун ҳама аз ҷавр ба ҷон омаданд,
Ҷумла хамӯшон ба забон омаданд.
Гуфт ба ҳар ҷой сағиру кабир
Аз ситами ҳокиму зулми амир.
Гуфт, ки он салтанати подшоҳ,
Мекунад аҳволи ҳамаро табоҳ.
Ҷамъи сипоҳу умаро золиманд,
Зумраи омӣ[1] ба назар олиманд.
Ҳаст ҳама зоҳиду шайхи мағок.[2]
Кисабури сабҳаву дасторнок

[1] Омӣ — омма.
[2] Мағок — чуқурӣ, масҷидест дар Бухоро, ки ӯро мағок гӯянд.

Тӯдаи эшону дуохон ҳама
Фитнагаронанду чу шайтон ҳама.
Сӯфию арбобу имоманд дузд,
Тоифаи бой ҳамонанд дузд.
Подшаҳу ҳокиму амлокдор
Душмани моянд ҳама як қатор.
Аз тарафи бой ва рӯҳониён
Ҳеҷ самар нест ба ғайр аз зиён...
Ранҷбарон якдилу якҷон шуданд,
Дар паи ғалтондани онон шуданд.
Дар сари ин кор ҳама коргар
Гашт бародар ба ҳама ранҷбар.
Коргару барзгарон як шуданд,
Ёр ба ҳам аз паи кӯмак шуданд.
Барзгару коргар омад ба шӯр,
Панҷаи кинакашиаш гашт зӯр.
Ин ҳама дил-овари ҷарроррo,
Аскари хоҳандаи сардорро
Фирқаи Ленин муташаккил намуд,
Ҳам ҳамаро яктану якдил намуд.

## III

Рафт чу нуздаҳсаду ҳафдаҳ зи сол,
Дар маҳи уктабрь дигар гашт ҳол.
Оташи рахшони маҳи уктабрь
Сӯхт рагу решаи бедоду ҷабр.
Шоҳ нагунсор шуд аз тахти хеш,
Бой наёсуд ҳам аз бахти хеш.
Панҷаи пӯлоди ҳама пролитар,
Зад ба рагу решаи боён табар.
Шайх ба он сабҳаи саддонаҳо
Ҷой шуд аз тарс ба мушхонаҳо.

Бой нашуд, ҳар чӣ ҳама рӯфта,
Монд чу мори бади саркӯфта.
Хели сипоҳе, ки вай аз даст рафт,
Ҷавзии[1] ҷангал ба думи асп рафт.

## IV

Як қадар аз фитна чу шуд мулк пок.
Шуд зи ҷадал ранҷбар оромнок.
Навбати он шуд, ки ҳама ранҷбар
Мамлакат обод кунад сар ба сар.
Фирқаи Ленинии мо раҳнамой
Гашт ба ин кор зи сар то ба пой.
Гуфт: чу хоҳед шавад мамлакат
Сар ба сар ободтар аз ғайри лат,
Хоҷагии халқ тараққӣ диҳед,
Ҳаст зи ободиятон гар умед.
Мамлакат обод нагардад магар,
Хоҷагии халқ шавад хубтар.
Хоҷагии халқ чу ёбад ривоҷ,
Мамлакат обод шавад лоилоҷ
Хоҷагии халқ ҳамон беҳ, ки ӯ
Оварад аз якка ба якҷоя рӯ.
Чун ҳама якҷоя шавад хоҷагӣ,
Аз ҳама сӯ пеш равад хоҷагӣ.
Хоҷагии якка равад пас, на пеш,
Якка шавад зору забардаст беш.
Ҳаст яке нуктаи зарбулмасал,
К-он масал авлост зи ширин асал.
«Асп чу танҳост, аз ӯ чанг нест,
Чанг барояд ҳам агар, данг[1] нест».

---

[1] Ҷ а в з ӣ — як навъи хор.
[2] Д а н г — садо, нишона.

Хоҷагии боҳаму дамсоз беҳ,
Бо раҳи колхоз шавад, боз беҳ.
Бояд аз ин хоҷагии ҷамъдаст.
Зуд ба по кард ба ҳар ҷо, ки ҳаст,
То ки шавад кор ба деҳқон ҳама
Пурсамару пурбару осон ҳама.
Ҳосили колхоз чу гардад зиёд,
Мамлакат обод шавад, халқ шод.
Мазраи деҳқон чу шавад пурҳусул,
Мулк намояд ба тараққӣ вусул.
Беш зи совхоз чу гардад биринҷ,
Халқ шавад хурраму дилшоду тинҷ.
Кунҷид агар низ фаровон шавад,
Равғани колхоз бас арзон шавад.
Беш чу колхоз расонад зағир,
Шод шавад ҷумла кабиру сағир.
Ҳаст умуман самари киштукор
Боиси ободии мулку диёр.
Аз самари пахта хусусан диёр
Рӯ ба тараққӣ бинихад бешумор.
Пахта чу бишкуфт ба рӯи замин,
Рӯи замин гардад аз он нуқрагин.
Пахта агар пурсамару бар шавад.
Кисаи колхозчӣ пур аз зар шавад.
Гардад агар ҳосили пахта баланд,
Мамлакат обод шавад чанд-чанд.
Ҳосили пахта агар афзун шавад,
Дар сари вақташ ҳам агар ғун шавад,
Зовуди пахта бидарояд ба кор,
Фабрика газвор диҳад бешумор.
Пахта ба фабрик диҳад корро,
Беш кунад ҳосили газворро.
Пахта нарӯяд агар аз пахтазор,
Зовуди пахта накунад ҳеҷ кор.

Коргари фабрики газвор кор
Мекунад, ар пахта диҳад пахтазор.
Барзгаро, кори ту гирад барор,
Беш агар пахта кунӣ киштукор.
Ҳар каси деҳқон, ки бувад пахтакор,
Мешавад ӯ аз таҳи дил пухтакор.
Пахта аҷаб ҳосили пурқобил аст,
Хӯрдану пӯшидан аз он ҳосил аст.
Пахта, ки пӯшоки сару тан диҳад,
Баҳри хӯрокии ту равған диҳад.
Гови туро низ зи кунҷола сер
Мекунаду мекунад ӯ сершир.
Пахта намояд ҳамаро судманд,
Сер зи пундона кунад гӯсфанд.
Пахта тараққӣ ба саноат диҳад,
Равнақи афзун ба зироат диҳад.
Пахтаи колхоз чу афзун шавад,
Чашму дили хасм пур аз хун шавад.
Пахта чу корид ҳар он колхоз,
Гашт забонаш ба ҳама ҷо дароз.
Рафт ба ҳар кишвару шуд сурхрӯй,
Ёфт ба ҳар ҷо, ки бирафт, обрӯй,
Чун ҳама нафъ аст, намо пур плон,
Балки зи пахта бинамо пур ҷаҳон.
Хоҷагие он, ки бувад пахтакор,
Ҳеҷ замоне нашавад шармсор.
Лек ба шарте, ки плон пур кунад,
Пурра плонро чу баҳодур кунад.
Ҳар кӣ кунад ҳосили пахта баланд,
Мешавад аз меҳнати худ судманд.
Пахтаи мисрӣ чу кунад киштукор,
Кор ба колхоз бигирад барор.
Мулк аз ин пахта бигирад навӣ,
Миср шавад ҳар деҳаи шӯравӣ,

Пунба чу гардад ба замин кошта,
Бех, ки шавад ҳосили бардошта.
Лоҷарам аз бобати бардоштан,
Нек зарур аст хабар доштан.
Чобуку чолок ба вақти каланд
Шав, ки шавад ҳосили пахта баланд.
Об ба вақташ деҳу сероб кун,
Кӯшиши бисьёр дар ин боб кун.
Баҳри фузун кардани зӯри замин
Рез басе порӯву монанди ин.

V

Фирқаи Ленин чу чунин панд кард
Ранҷбар он фикр ба ин банд кард.
Дид, ки ҳар хоҷагии яккадаст
Ҳаст зи ҳар ваҷҳ зи колхоз паст.
Пас, ҳамагӣ дар паи колхоз шуд,
Шуд ҳама якҷояву дамсоз шуд.
Коркуни пухта шуду пахта кошт,
Сахт бар ин ҳиммати худро гузошт.
Хоҷагияш рӯ ба тараққӣ ниҳод,
Ҳосилаш аз пеш басе шуд зиёд.
Вақту замоне, ки дар ин иттифоқ,
Буд ба деҳқонии танҳо мароқ.
Ғалла шуду лек фаровон нашуд,
Он чӣ ба колхоз шавад, он нашуд.
Давраи колхоз чу оғоз шуд,
Хоҷагии боҳаму ханбоз[1] шуд.
Ҳосили ғаллот фузун шуд зи ҳад,
Дод замин бору бари беадад.

---

[1] Ханбоз — ханба, сер шуд, ғаллдор шуд.

Пахта ҳам аз хоҷагии якка кам
Мешуду мекард ба деҳқон алам.
Чун ҳама колхоз шуду пахта кошт,
Пахтааш афзун шуду ҳам ғам надошт.

## VI

Лек зи сар кӯфта морони зишт,
Мондагии тоифаи бадсиришт.
Муфтхӯру муфтбару муштзӯр,
Сахт фитоданд паи шарру шӯр.
Ҷамъе аз ин тоифа бар рӯ ниқоб
Карду ба худ дод дигар обутоб.
Баъзе аз ин узв ба колхоз шуд,
Узв вале душмани ғаммоз шуд.
Шуд зи паи фитнаву иғвогарӣ,
Хоинию duздию савдогарӣ.
Ёфт тарафдор ба худ чанд кас,
То ки ба колхоз кунад кор пас.
Кард зи таг фитнаву хидмат зи рӯй.
Кард ба анвои бадӣ ҷустуҷӯй.
Хост, ки колхоз парешон кунад,
Душманаии беҳаду поён кунад.
Ранҷбарон воқиф аз ин сир шуданд,
Решакани синфи муқассир[1] шуданд.
Душмани худро пас аз он кофтанд,
Фитнагаронро зи миён ёфтанд.
Пардаи дуздони муфаттин[2] дарид.
Шӯълаи олови ҷадал шуд шадид.
Фирқаи Ленин ба ҳама ранҷбар
Гашт дар ин воқиа ҳам роҳбар.

---

[1] Муқассир — душман, айбдор.
[2] Муфаттин — фитнаандоз.

Ранҷбарон ғолиби душман шуданд,
Фитнагарон чун сари бетан шуданд.
Фирқавиён низ дар ин шӯру шар
Зуд фитонданд шарору шарар.
Буд ба ҳар ҷо, ки сафи комсомол,
Кард бар ин хоину дуздон ҷидол.
Фирқа дар ин бора чу шуд корсоз,
Пок шуд аз фитнагарон колхоз.
Душмани синфӣ ба ҷазояш расид,
Ҳар чӣ ки он буд сазояш, расид.
Гарчи бувад боқии инҳо ҳанӯз,
Кай битавонанд, ки бинанд рӯз?
Нест шавад тоифаи муштзӯр,
Дур зи мобайн равад шарру шӯр.
Мамлакат обод шавад, бегумон,
Пахта фаровон шаваду низ нон.
Аз ситаму зулм намонад асар,
Мулк шавад пок зи шар сар ба сар.
Монад аз офат ҳама кас офият,
Тозаву бесинф шавад ҷамъият.
Душмани синфӣ ҳама дам ғам хӯрад,
Хок ба сар гардаду барҳам хӯрад.
Гардад колхоз фузун аз қиёс,
Душмани синфӣ мурад аз ин асос.
Кори саноат ҳама боло равад,
Ғулғулааш дар ҳама дунъё равад.
Пешаи техника равад пештар,
Равнақаш аз пеш шавад бештар
З-ин қибал аз пешравиҳои том
Ҳасту ба гуфтан нашавад ӯ тамом.
Чун натавонам, ки бигӯям тамом,
Беҳ, ки ба ин хатм диҳам дар калом.
Фирқаи Ленинии мо зинда бод!
Мақсади ӯ ҳосилу поянда бод!

*с. 1933*

НАСР



## ЭЙ ШАРҚИ МАЗЛУМ!

Он... соати саодатеро, ки солҳои дароз дар зери бори истибдод интизорӣ доштем, расид. Уфуқи сиёсати олам иқтизоми[1] тулӯи шамси озодиро мекунад. Баъд аз муқотилаи панҷсолаи оламшумул, синфи меҳнаткашон ва мазлумони русу ғарб диданд, ки ин ҳама хунҳо барои ризои якшанбеи ҷамоаи империалисти нафспараст рехта, миллионҳо авлоди бечорагон қурбони ҳирсу тамаи бепоёни он худпарастони беинсоф гардидааст.

Ливои додхоҳӣ, олами мазлумпаноҳ, байрақи ҷафокашидагон аввалин маротиба дар Русия бардошта шуд. Дар сояи ин алам императури золими рус, он хонахаробкунандаи Шарқ, он ифрити хунхор... аз тахт барандохта шуд. Аъвони[2] мазолимаш баъзан мақтул, баъзан маҳбус гардиданд. Имрӯз он салтанат ва сиёсате, ки мадди[3] назараш асорати милали мазлумаи исломия буд, нобуду парешон аст. Ба ҷои он салтанат, ғадру хиёнат ва банду асорат ҳукумати меҳнаткашони рус барпост. Ин ҳукумат мегӯяд, ки Шарқ барои аҳли Шарқ аст ва инчунин Ҳиндустон барои ҳиндустониён, Эрон барои эрониён, Афғон барои афғонон, Туркистон барои туркистониён аст. «Озодии милали мазлума» шиори ин ҳукумат аст. Мо милали ҷафока-

---

[1] Иқтизом — талаб.
[2] Аъвон — мададгорон, ёварон.
[3] Мадд — ғоят, ниҳоят.

шидаи Шарқ, мо мусулмонони мазлум ҳамин шиорро солҳои дароз ба дилу ҷон парваридаем.

Бо дастҳои холӣ ва синаҳои кушодаамон, бо қалбҳои пур аз муҳаббати озодихоҳӣ ба ҳавои ин шиор дар дами тӯпу пулимут ва туфангҳои империалистҳои золим ҷон медодем. Имрӯз рафиқони мазлуми мо дар Русия он шиорро, ки дар даруни синаи оташфишонамон макнун[1] медоштем, эълон намуданд. Ин эълон эълони марги империалистҳост. Эълони ин шиор, хотимаи силсилаи мазолими салтанатҳои бедодӣ аст. Бинобар ин ҳар тараф дастҳои хунолуди мазлумкуши империалистҳо ба муқобили ҷамоаи мазлуми рус бардошта шуд. Империалистҳо медонанд, ки агар ҳукумати социализм (ҳукумати баробарӣ ва бародарӣ) пойдор монад, дигар наметавонанд, ки миллатҳои мазлумро ба асорат нигоҳ доранд. Наметавонанд, ки милали мазлумаи Шарқро дар зери бори истибдод нигоҳ доранд. Наметавонанд, ки Шарқи орамидаро осӣ, милали маъсумаро[2] гунаҳгор номанд ва гирифтори уқубат кунанд, аз барои ҳусули мақсадҳои золимонаи худ фарзандони бечорагонро шаҳр ба шаҳр, диёр ба диёр баранд. Ва ба рехтани хуни якдигар маҷбур намоянд, хоки поки Эрону Арабистон ва Туркияю Туркистонро ғарқи хун гардонанд. Империалистҳои олам ба ҳама ҳол як дафъаи вопасин толеъозмоӣ мекунанд. Мо имони қавӣ дорем, ки ин ҳамла, ҳамлаи вопасини[3] эшон мешавад, чунки он аскаре, ки такья ба хуну ҷони он нотавон мекунад, вай ҳам мисли мо мазлум аст. Вай ҳам аз афкори фосиди империалистҳо, аз қасди ҷаҳонгирӣ, аз ҷанги бародаркушӣ ба танг омадааст. Асокири мазлумаи салтанатҳои бедодӣ имрӯз ба даруни дил ғусса мехӯранд, фардо ба овози баланд наъра меза-

[1] Макнун — пинҳон.
[2] Маъсум — нигоҳ дошташуда, боздошташуда, бегуноҳ.
[3] Вопасин — охирин.

нанд ва мегўянд, ки мо чаро арабу эҷамро кушем, мо чаро ба хонаи турку тоҷик оташ диҳем, мо чаро хуни бародарони русро бирезем, чаро кушем, чаро мирем? Мо чаро ба соҳили баҳри Одер, баҳри Балтик, Хазару Сиёҳ равем, бародарони мазлуми худро кушем?

На, ҳазор бор на!... Бас аст фиреб!
Бас аст акнун дағо!...[1]

Аз тамоми шаҳрҳову қарияҳои Аврупо имрўз ҳамин овоз меояд:

Эй фарзандони Шарқ! Мутаматтин[2] бошед, ки мо дар майдони муборизаи наҷот танҳо нестем. Имрўз байрақи озодиро рафиқони мазлуми ҷафокашидаи мо — русҳо бардоштаанд ва шиори «наҷоти милали мазлума»-ро эълон карданд. Фардо ин байрақро дар тамоми Аврупо рафиқони мазлум мебардоранд ва ин шиорро эълон мекунанд, ки дар муборизаи ҳаёт ва наҷот омода бошед!

Охири шаби зулмат, дамидани саҳари саодат, субҳи содиқи озодии Шарқ, рўзи наҷоти милали мазлум наздик аст. Ҷамъияти фирқаи «Ҷавон-бухориён» ба тамоми бародарони шарқии худ нидо мекунанд, ки фурсат расидааст, аз барои наҷоти Шарқ, аз асорати империалистҳо дар сафи ҷидол омода бошед! Омода бошед, ки рафиқони ғарбии мо дасти муовинат[3] медиҳанд.

Аз рафиқони мазлуми ғарбиамон тиру туфанг, пулемут, муаллим ба ёрии шумо мерасад.

Тўп мерасад, чӣ тўп? Кошонаи золимшикан, на мискинхаробкун. Тир мерасад, чӣ тир? Золимкуш, на синаи мазлумшикофкун!

Эй ҷамъиятҳои инқилобҷўи озодихоҳ ва наҷотталаби Тошканд, Хўқанд, Самарқанд, Бухоро, Марв, Ҳирот, Ко-

---

[1] Дағо — ҷанг, шўру ғавғо.
[2] Мутаматтин — устувор, қатъӣ, дилпур.
[3] Муовинат — ёрӣ, ёрмандӣ.

бул, Деҳлӣ, Теҳрон, Табрез, Бағдод, Машҳад, ташрики масоӣ[1] кунед, дар роҳи наҷоти Шарқ муттаҳид ва омода бошед, ки дар силсилаи сафи ҷидоли мо фардо муборизони озодихоҳ, рафиқони мазлуми ғарбии мо мулҳақ[2] мешаванд. Дар Ғарб ва Шарқ як сафи ҳарб—ҳарби озодӣ, ҳарби наҷот аз асорат мебандем. Мо, фарзандони Шарқ, аз барои наҷоти худ, аз барои озодии худ чӣ қадар рехтани хун ва бохтани ҷонамон омода бошем.

Мутаматтин бошед, ки рафиқони ғарбии мо низ дар ин роҳ ҳамон қадар босадоқатанд. Марҳабо дар сафи ҷидол! Марҳабо дар майдони муборизаи наҷот! Мо намегузорем, ки империалистҳо ин байрақи озодӣ, ин байрақи наҷоти моро, ки дар пойтахти мазлумон бардоштаанд, сарнагун кунанд.

Мо намегузорем, ки душманони ҷамоаи мазлуми Шарқу Ғарб, он аъдои[3] бераҳми милали ҷафокашидаи арабу аҷам, турку тоҷик комьёб шаванд. Мо намегузорем, ки имрӯз рафиқони мазлуми мо дар савоҳили наҳри Одеру баҳри Балтик ва Хазару Сиёҳ мағлуб шаванд. Мо медонем, ки мағлубии имрӯзаи рафиқони мо дар Русия, наҷоти милали мазлума, наҷоти шаркро солҳои дароз ба таввиқ[4] меандозад.

На, ин намешавад, ҳаргиз намешавад!

Хитоби мо, фарзандони Шарқ, Шарқи мазлум, ба рафиқони озодихоҳи рус ва ғарбӣ ин аст, ки Шарқ ба мадади шумо омодааст. Ин байрақи озодӣ, ки дар Русия бардоштаед, байрақи муштараки мост:

Номуси ин байрақ номуси мост,
Шарафи ин байрақ шарафи мост.

---

[1] Ташриқи масоӣ — як шавед.
[2] Мулҳақ — ҳамроҳ шудан.
[3] Аъдо — ҷамъи адӯ, душманҳо.
[4] Таввиқ — орзумандӣ, гарданбанд.

Аз барои наҷот ва озодӣ дар зери ин байрақ рехтани хунамонро ҳалол медонем. Дар мудофиаи шиори «Озодии милали мазлума» мо, мазлумони Шарқ, бо шумо муттаҳидем.

Матни ин иттиҳоднома дар қалби ҷароҳатрасидаи милали мазлумаи Шарқ бо сарнайзаҳои империалистҳо сабт гардидааст. Милали мазлумаи Шарқу Ғарб! Ҳама дар сафи ҷидоли шарафу номус, ҳама дар майдони муборизаи наҷот!

Зинда бод социализм — наҷоти мазлумон!
Зинда бод иттиҳоди мазлумони Шарқу Ғарб!
Зинда бод милали мазлумаи олам!

*с. 1919*

## ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(Дар мусобиқаи соддданависӣ)

Имрӯзҳо дар миёни нависандагони тоҷик дар бораи забони адабии тоҷикӣ ду чараён (равиш) пайдо шудааст.

Гурӯҳе бар инанд, ки забони форсӣ, ки то имрӯз дар миёни тоҷикони Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон кор фармуда мешавад, бигиранд, далелашон ин аст, ки мегӯянд: «дар гуфтору лаҳҷаи тоҷикон дар ҳар ҷо ҳар хел аст, бо қабул намудани забони як шаҳр ва ё як маҳал адабиёт тартиб дода наметавонем, ки ҳамаи тоҷикон мефаҳмидагӣ шаванд. Аз дигар сӯ гирифтани забони форсӣ барои забони адабии тоҷик моро ба ҳамаи тоҷикони дуньё: Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон пайванд мекунад ва ин барои нашри фикру мақсадамон дар Шарқ воситаи ягона мебошад». Дигарон мегӯянд, ки: «Забони тоҷикиро содда, осон, ҳамафаҳм карда ба ранг даровардан даркор аст, ки ба ҳамаи тоҷикони ҷаҳон дилнишин бошад ва ҳамагӣ ҷӯёи ин забон гарданд». Гурӯҳе мегӯянд, ки: «Забони форсӣ, ки то имрӯз дар миёни тоҷикони Эрон... кор фармуда мешавад», дар он ҷо андаке тасҳеҳ даркор аст, зеро забоне, ки то имрӯз дар Эрон... ба кор рафта истодааст, форсӣ нест, балки аз сад наваду панҷи он арабист, ин як, дуввӯм он, ки он забон дар миёни оммаи тоҷикони Эрон... ба кор намеояд, балки адибон ва дигарон, ки арабчадонанд, он забонро мефаҳманд, оммаи халқи Эрон... намефаҳмад. Агар мо ҳам он забонро бигирем, бояд, ки ба ҷои «ташнае об бинӯшид» «аташоне моа бишурбид» нависем.

Ҳар касе медонад, ки «ташнае об бинӯшид»-ро чунон ки нависандагони Осиёи Миёна ва Эрон... мефаҳманд, оммаи халқи тоҷик низ мефаҳманд, вале «аташоне моа бишурбид»-ро ба ҷуз адибони Эрон ва чанде арабҷадонон дигар касе намефаҳмад. «Гирифтани забони форсӣ моёнро бо ҳамаи тоҷикони ҷаҳон пайванд мекунад» гуфтан ҳам ғалат аст, чунки гирифтани он забон, агар карда тавонад, якчанд адибони моро бо адибони он миллатҳо пайванд мекунад. Аз рӯи масали «забони мурғонро мурғон медонанд». Вале ҳамаи мо тоҷиконро бо ҳамаи он тоҷикон пайванд карда наметавонад. Агар ҳамин пайвандкории торикро ҳам даркор донем, бояд, ки аз ҳама тоҷикони худ мо гузашта, аз инҳо ҷудо шавем ва ҳар чизе, ки нависем, ҳамаро ба Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон фиристонем. Барои тоҷикони худ як дона ҳам нагузорем, чунки намефаҳманд. Намефаҳманд, ки ин корест нашуданӣ! Ононе, ки мехоҳанд: «забони тоҷикиро содда, осон, ҳамафаҳм карда ба ранг дароранд, ки ба ҳамаи тоҷикони ҷаҳон дилпазир афтода, ҳамагӣ ҷӯёи ин забон гарданд», ин мақсад хеле хуб аст. Осон чизест, ки дар ҳар кор бо ҳар кас мақбул аст. Дигар ҳамафаҳм шудани забон, ки агар забони ҳамафаҳм мешуд, пас, чӣ ҷои камбудист. Забонеро, ки адибон, арабҷадонон ва оммаи халқ мефаҳмида бошанд, инчунин як забонро монда, даҳ кас фаҳмида ҳазор кас намефаҳмидагӣ забонро кӣ мехоҳад? Дар ин ҷо аз забони ду гурӯҳ ду байти ба як мазмун навиштаро мисол мебиёрем. Гурӯҳи аввал менависад, ки:

«Замин сабз шуд аз нузули рабеъ
Даромад чу зумрад ба шакли бадеъ.

Паҳ, паҳ!
Гурӯҳи дуввум мегӯяд:

Баҳор омад, аз сабза рӯи замин
Ҳама гашт зебо зумуррад барин.

Бубинед, ки аз ин ду байт кадомаш осонтару ба фаҳми омма наздиктар аст. Касе, ки адабиёти тоҷикӣ менависад, «баҳор омад»-ро монда, ба кадом забон «нузули рабеъ» мегӯяд? Шакли «бадеъ»-ро ба ҷуз якчанд арабчадон дигар намефаҳмад. Агар ошиқони забони Эрон осонро даркор надонанду оммаро ба чашм нагиранд, бисьёр ғалат мекунанд. Чунки асоси маданият осон аст. Чунончи, роҳи оҳан, ки яке аз бузургтарин нишонҳои маданият аст, хубиш дар осон кардани душвориҳост. Роҳи думоҳаро ба як рӯз мегирад, борҳои гароне, ки бо ду ҳазор асп кашида намешуд, ба як оташхона мебарад. Инҳо осонӣ нест, чист? Инсоне нест, ки осониро нахоҳад.

Агар оммаро ба чашм гирифта нашавад, танҳо барои якчанд адибони арабчадон нашриётҳои ҳукумати халқ миллиардҳоро харҷ намекунад. Оре, лаҳҷаи тоҷикон дар ҳар ҷо ҳар хел аст. Чунин бошад, як парчаи адабии соддаи осони беарабиро ҳамаи тоҷиконе, ки лаҳҷаҳои гуногун доранд, ба хубӣ мефаҳманд, вале забони Эронро ҳаргиз ва ҳаргиз намефаҳманд. Бо ин ҳама лаҳҷаҳои гуногун доштани тоҷикон барои гирифтани забони Эрон далел намешавад.

Адабиёти имрӯзаи Эрону Туркия пур аз ибораҳои арабист. Чӣ ранг шудааст, ки дер боз адибони ин ду миллат дар миёни суханҳои хеш иборатҳои арабӣ навиштанро одат кардаанд. Азбаски одат кардаанд, ба назарашон хеле хуш омадааст ва ин корро як ҳунари бузург пиндошта, дар ин бора ҳунарнамоиҳои бисьёре намудаанд. Оре, одат чизест, ки заҳри тарьёкро ба гулӯи тарьёкиён шаҳд мекунад ва ҳар кори бадро хуб нишон медиҳад. Агар одатро ба як сӯ гузошта, нигоҳ кунем, мебинем, ки тарьёк заҳр аст, на шаҳд, инчунин дар миёни суханҳои туркӣ ва тоҷикӣ ибораҳои арабӣ даровардан бад аст, на хуб...

Дар миёни сухани арабӣ туркию тоҷикӣ дарояд,... расво, ки мешуда бошад, пас, дар миёни турку тоҷик ҳам

суханҳои арабӣ дарояд, ҳамин гуна расво мешавад. Вале азбаски одат шудааст, ин расвоӣ ба чашми ҳеҷ кас наменамояд.

Ин аст, ки забони тоҷикиро содда, осон, беарабӣ карданро дӯст медорем.

*декабри с. 1928*

## ДАРКОРУ ДАРКОРТАР

Ба касе гови ширдори гӯсоланоке бошад, ду карки даранда, яке ба гов, дигаре ба гӯсола якбора дарафтанд, ин кас чӣ кор кунад. Говро аз чанголи вай ҷудо кунад, гӯсола меравад. Гӯсоларо ҷудо кунад, гов меравад. Ҷудо кардани дуяш ҳам даркор. Агар ҳамин пурсишро касе аз ман кунад, мегӯям, ки: «аз ин ду кори даркорӣ, ҷудо кардани гов даркортар мебошад. Дар ҳар кори даркорӣ ҳам даркортарашро кардан даркор».

Касе, ки ба корҳои худаш бо ҳамин роҳ меравад, намеравад, коре надорем, вале касоне, ки ба болои корҳои ҳукумат, халқ истода, гузориши корҳои халқро ба гардани хеш гирифтаанд, бояд, ки аз ин роҳ берун нараванд. Чунончи, сангин кардани кӯчаҳои шаҳри Душанбе, ба пеши колхоз дод гуфта истодаанд. Кӯча бисьёр. Сангин кардани ҳамааш ҳам даркор, ҳамаро ба як бор карда наметавонанд, пас кадомашро кунад? Боз мегӯям, ки аз ҳама пештар даркортарашро кунад, чунончи, кӯчаи Путовский, ки роҳи бозори калони омма аст, ду роҳи пиёдагарди ҳамин кӯчаро ҳам сангин кунад, чунки рӯзҳои боронгарӣ ин кӯчаи сангин чунон лой мешавад, ки гӯё идораи Наркомпроси Тоҷикистон бошад, ба роҳи пиёдагардаш, ки аз барои сангин набудан пой монда намешавад; пиёдагон аз болои ҳамин роҳи калон рафтуой мекунанд. Вале савориён ба хару асп, аробаҳо он ҳама ташвиш мерасонанд, ки як тамошои ҷонкоҳ дида мешавад, яке ба лой ғӯтида, чанде

дароз ғалтида, дигаре чизҳояшро афтонида, оё инон комхозро нафрин намекунанд?

Сад бор мекунанд.

Сангин кардани роҳи пушти боғи Путовский даркор бошад, сангин кардани ин ду роҳи пиёдагард даркортар аст. Инчунин гирем, тоҷикони Бухоро ва даври онро ӯзбек кардан даркор бошад, мактабҳои ононро бо забони модариашон, тоҷикӣ, кардан даркортар аст. Ва низ аз барои падарону писарон ва модарону духтарони беилм ва бесаводи тоҷик мактаб кушодан, таълиму тарбия додан даркор аст. Ба андешаи ман аз барои падарон ва писарон инҳо даркор бошад, аз барои модарон ва духтарон даркортар мебошад.

Бояд нахустин бор, ки мактаб мекушоем, аз барои модарону духтарон бошад, дуввӯминаш барои падарон ва писарон.

Даркортар будани инро равшантар карда гуфтан, гумон мекунем, ки ба кас даркор нест. Зеро ба ҳама равшан аст, ки ин ҳама зану мард, хиради бузург дар ҳар ҷо, ки дида мешаванд, ҳамаи инҳоро модарашон зоида ва то 7—8—9—10-солагӣ дар оғӯши худ тарбия кардааст. Модаре, ки беилм, бесавод, тарбия надида бошад, фарзандашро хуб тарбия карда наметавонад.

Ин аст, ки бештарини мо, тоҷикон, ботарбия нестем, чунки ҳамин модарони нохонда моро бад тарбия кардаанд. Боисте, ки модарони мо хонда ва тарбиядида мешуданд, чаро нашуданд? Чунки дар даври амирони худсар, уламои муфтхӯр хонондани занону духтарон дуруст нест мегуфтанд. Ва мо бадтарбиягони нодон бовар мекардем, бовар накардагон ҳам аз фармони онҳо берун рафта наметавонистанд. Боз аз барои чӣ ба хондани занон ва духтарон бисьёр кӯшиш намекунем?

Дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Тоҷикистон[1] ва дигар ҷойҳои тоҷикнишин як чашм андозем, мебинем, ки чанд

[1] Муаллиф кӯҳистони тоҷикро дар назар дорад.

мактаби падарону писарон ва чанд мактаби модарону духтарон дорем? Агар инҳоро ба ҳамдигар андозӣ кунем, ба ҳар панҷоҳ мактаби мардона як мактаби занона ҳам намерасад. Ман бисьёр ғалат кардам, ки Тоҷикистонро ба шумори Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд даровардам. Чунки дар Тоҷикистон фузунтар аз 300 мактаби мардона ҳаст, барои занон ва духтарон, дар шаҳри Душанбе танҳо, як мактаб аст, ки номаш «Дорулмуаллимини занон». Агар аз «Дорулмуаллимини занон» (хонаи занони муаллима)-ро хоҳем, маънои ин ном бо ин мактаб рост меояд, чунки якду муаллимазан, дар он ҷо хона дорад. Мо мехоҳем, ки нахуст аз барои занон ва духтарон мактаб кушода шавад, вале дар Тоҷикистон барои инон ҳеҷ мактаб кушода нашудааст, ин як мактаби занонаро дар пеши ин ҳама мактабҳои мардона нест мешуморем. Сустгирандагони ин кор, мабодо ки гӯянд: «Халқи Тоҷикистон бисьёр ториканд, дар ин ҷо занон ва духтаронро ба мактаб кашидан душвор аст, инон занон, духтаронашонро ба осонӣ ба мактаб намефиристанд».

Ин гуфтор як ҷои дуруст дорад, дигараш нодуруст аст, чунки халқи Бухоро ва Самарқанд ҳам бисьёр равшан набуданд, уламо, эшононе, ки дар он ҷойҳо буданд ва ба халқ фармонравоӣ доштанд, дар Тоҷикистон набуданд. Ҷои дурусташ ҳамин, ки дар ин ҷо занон ва духтаронро ба мактаб кашидан душвор аст. Дуруст аст, ки агар мактаби занона, боз «Дорулмуаллимин»-аш ҳамин бошад, занон ва духтаронро ба ӯ кашидан душвор аст, ду-се зану духтари дар он ҷо омадагӣ гурехта нараванд, хурсанд мешавем.

Чунон ки ман ҳамаи корубори ин мактабро бисьёр намедонам, танҳо ду ҳафта шуд, ки ба ин мактаб барои дарси алифбои нав, чор бор рафтам, синфе, ки дарс медодам, хонааш он ҳама хунук буд, ки даст бароварда хат навишта намешуд, чунки ин хона як печкаи дуруст надошт, ба

мудираи мактаб гуфта-гуфта манаҳам мӯй бароварда як печкаи тунукаӣ гиронидам. Имрӯз рафтам, ки печка ҳаст, вале ҳезум надошт. Ман, ки аз барои хунук давон-давон рафта будам, баданам гармӣ дошт, даст берун карда як ҳарф ба доска навишта гуфтам: «Аз рӯи ин нависед! Бинам, ки ҳеҷ кадомаш наменависад, пурсидам, ки чаро нанавиштед? Гуфтанд: «Бубахшед, муаллим, аз хунукии хона дастамон карахт шудааст, дар поёни парта поямон ҳаст ё не, намедонем. Озод шавед, мактаб хонед, шуморо нигаҳдорӣ мекунем гуфтанд, мо бо дилгармиҳои бисьёр берун баромадем, мактаб даромадем. Вале дар ин хонаҳои хунук на танҳо дасту поямон, диламон ҳам ях барин шуд...»

То доду бедоди инонро шунидам, дасту пои худам ҳам санг гашт, ба назди мудира даромадам, ки чораи ин кори хунукро бинам. Мудира мегӯяд, ки чӣ кор кунам? Ба ҳамин гуна каму косҳои ин мактаб як сад сӯм аз кисаи худам рафт, аз барои ин ранг майдакорҳо аз комиссариат пул бароварда мондагӣ нест, мехоҳам, ки аз завхози комиссариат камтар ҳезуми хушк пурсида гирам, завхоз бошад аз рӯзи озодии кор, ки барои мотами рафиқ Ленин шуда буд, то ба ин дам касал хобидааст...»

Гуфтам: «мехоҳед, ки дуо кунам, то завхоз тандуруст шавад? Имрӯз касал шудааст, фардо бимирад ҳам, боке нест. Магар завхози шумо мегуфтагӣ ҳамон Николаев нест, ки дар тундхӯӣ ва калонгирӣ, аз фарзанди Николай ҳам болотар аст? Ҳеҷ рӯзи озоди кор нест, ки вай касал нашавад, ҳар рӯз барои қатор хатҳое, ки ба муаллимони қишлоқ чоп карда фиристода мешуд, коғаз даркор, ба дасти завхоз. Завхозро пурсем, касал шудааст, панҷ рӯзи дигар барои мактабҳо китоб даркор, ин ҳам ба дасти завхоз, завхоз куҷо? Боз касал, инчунин завхозро агар дуо мекарда бошам, дуо мекунам, ки бимирад, шумо ба тандурустии вай нигарон шуда намонед, хезед, пеши комиссар рафта дод мегӯем».

Мудира гуфт: «Ҳама гуфтаҳои шумо дуруст, вале аз барои ин гуна як кори майда ба пеши комиссар рафта дарди сар кардан нағз не». Сухани мудира ҳам рост буд, аз барои инчунин кори майда комиссарро саргардон кардан дуруст набуд. Чунки кори комиссариати маориф кам нест. Болои он гуфта мешавад, ки ҳамаи корҳои шӯъбаҳои комиссариатро ҳам худи комиссар мекунад, азбаски мудирони шӯъбаҳо кор намекунанд. Ё медонанду намекунанд, аз ин рӯ, корҳои худи комиссар ҳам бисьёр ҳам зӯр аст. Ҳар чӣ бошад ҳам, мудираро намонда ҳамроҳ пеши комиссар рафтем ва чораи камтар ҳезум ёфтанро дидем. Агар дигар корҳои ин мактаб ҳам ҳамин ранг бошад, вой бар ҷони занону духтарон.

Дар шаҳри Душанбе мактабҳои профобр аз панҷ — шаш афзун нест. Бояд, ки мудири шӯъбаи профобр гоҳо ба ин мактабҳо омада ба чашми худ дида, каму косҳояшро дуруст намояд. Хусусан ба вижаи мактабҳо занонро ба ранге дарорад, ки аз ҳамаи мактабҳо аз ҳар рӯй ва аз ҳар сӯй беҳтар бошад, то ки ин занон ва духтарони дар ин мактаб омадагӣ донанд, ки Ҳукумати Шӯрой аз барои онҳо то чӣ андоза ҳуқуқ бахшидааст. Ҳам он, ки бо дилҳои гарм аз барои дигар занону духтаронро сӯи мактаб ва маориф кашидан миёнарав шаванд. Ин як мактаби мардон ва духтарон бошад ҳам, як намунаи хуб ва модари мактабҳо шуда, аз дунболи худ бисьёр мактабҳои занонаро кушоёнад.

*с. 1929*

## ОБШОРИ ЧАШМДОР

Ҳикоя

### I

Ҳар боре, ки обшорҳои бисьёр калонро тамошо мекунам, гӯшҳоям аз хурӯши шаршараш харошида ва мағзҳои сарам аз ғурришу ғиреваш тарокида мегардад.

Чунон мепиндорам, ки гӯё айруплонҳои бисьёр дар даври сарам парвоз доранд, ки одамро нафас кашиданӣ нагузошта, маро ба дами худаш мекашанд, гоҳо чунон гумон мебарам, ки чанде лашкари суворони чобукдаст бо аспҳои маст ба сӯи ман рӯй меоваранд, ки помоли суми самандонашон мешавам. Аз ин тамошо ба ҷуз тарсу ҳарос кашидан ва дил бой додан чизи дигаре намеёбам.

### II

Гаҳе ки сайри кӯҳсор мекунам, гузорам ба шаршараҳои хурде меафтад, ки обҳои он аз зери барфи қуллаҳои кӯҳҳо меоянд, ба ноҳамвориҳои сангҳои болои роҳи хеш тоб наоварда, сари худро ба санг задани ин обҳо ба гӯшам чунон мерасад, ки гӯё корвонҳои сурх қанорҳои пахтаро ба модиёнҳо бор карда, бо доираю дунбакнавозӣ ва қарсаку чапакзаниҳо ба сӯи пунктҳои пахтагирӣ омада истода бошанд.

Офтоби ҷаҳонтоб партави гарми худро дар ин обҳои

сард меандохт, гоҳ ҷастухези обҳо чунин дида мешуд, ки ҳазорон ҳазор пораҳои алмос пош мехӯрда бошад; гоҳо аз болои кӯҳ резишҳои об чунон менамуд, ки гӯё шаддаҳои марворидҳои сафед аз болои синаҳои бараҳнаи сангҳои кабуд овезон аст, аз сайри ин обҳои равон ҷонам тоза ва равонам осуда мегашт.

## III

Ин диданиҳои худро дар як обшори хурде, ки дар яке аз дараҳои кӯҳсори Қаротегин буд, ҳеҷ намедидам. Ин обшор на монанди он шаршараҳои дилкаш ва на ҳамранги он обшорҳои бимдор буд, ин як диди дигаре дошт.

Ин обшор ав болои кӯҳсори бисьёр баланд ба даруни як дараи тангу тор афтон ва равон аст.

Партави офтоб он сӯ истад, агар худи офтоб ҳам ба даруни он обҳо дарояд, дурахшонияшро бой дода, дар торикиҳои он нопадид мешавад.

Ҳангоме ки гузорам бар ин обшор шуд, чун чашмам ба обҳояш афтод, турфа як намуде дод, ки ҳаргиз аз ёдам намеравад. Чунон намуд, ки чашмҳои обшор бо хасмҳои бисьёр бар ман теғ кашида истода бошад, мехостам, ки дар дасти ман туфанге истода бошад, то он чашмҳои обшорро бо тири ҷоншикор бидӯзам ва хунҳоеро дар он кӯҳсор обвор бирезам.

Ин обшоре, ки на ба кори худ мешуд ва обҳои чашмашро ба зер мерезонд, гӯё аз саргузашти худ шарм медошт. Ин обшори зишт дар миёни касоне, ки ӯро медонанд, овозаи баде бардошта буд, аз онон касе, ки гузораш бар ин обшор меафтод, ёди рӯзҳои тохтутози босмачиён дилашро вайрон ва чашмашро гирьён мекард ва: «Ин ҳамон обшори айбдор аст, ки босмачиёнро дар оғӯши худ ҷой дода буд» мегуфт, он шаршараи шарир шармгинона обҳои чашмашро ба зер мерезонд, чунки як саргузашти зишт дошт.

## IV

Замоне, ки камбағалони ситамдида ва ранҷбарони ҷафокашидаи Бухоро бо пролетарҳои тамоми иттифоқ муттафиқ шуда, оташи сурхи инқилобро барафрӯхтанд ва хонумони ситамгаронро монанди ҳезум сӯхтанд, даври салтанати амирӣ вожгун гашт, ҳукумати истибдод ва подшоҳӣ бо тахту бахташ сарнагун гардид, бо ҳамаи аркони давлат «ҷаноби олӣ» кафшро монда, патакашонро пӯшиданд, яъне ҳамчун саги ба думаш чангол бастагӣ аз паи гурез шуданд, дар саҳни Бухоро рахти шӯроӣ густурда ва ба арки истибдод байроқи озодӣ барафрошта гардид, мункирони инқилоб дар табу тоб афтоданд, телба ва ҷонсарак ҳар ҳунари аксиинқилобие, ки доштанд, ба харҷ доданд. Қисме аз унсурони ҷадид ҳам, ки фикрҳои палид доштанд, думрави қарамашшоқиро аз даст нагузоштанд. Дар натиҷаи инҳо марази босмачигарӣ сар шуд, ин мараз ба ҳар гӯша ва бешаи мамлакат реша давонид ва дар пои амну осоиш теша расонид, бисьёр қишлоқҳо хароб шуд ва қишлоқиён дар азоб монданд.

## V

Рӯзи 17-ӯми моҳи феврали соли 1924 дар яке аз районҳои Қаротегин маҷлиси умумии шӯроӣ ҷамоат барпо шуда буд. Дар ин маҷлис бештар аз 50 ва камтар аз 60 нафар батракон, камбағалон ва деҳқонони миёнаҳол ҷамъ гардиданд.

Масъалае, ки дида мешуд, дар қишлоқ як мактаби дусинфӣ барои хурдон ва як курси савод барои калонон кушодан ва чанде навҷавононро ба комсомолӣ, рӯихати баъзе батраконро ба фирқа додан буд.

Дар айне, ки маҷлис гарми маърӯза ва музокира буд, якбора овози ғарангоғурунги тиру туфанг баланд гардида

ва думогири он фавҷе аз босмачиёни шум бар маҷлисиён ҳуҷум оварданд. Ҳама даст ба гиребон шуда дар афтударафт зантузанам афтоданд, аммо туфангҳои оташбор бар каландҳои дастадор ғолиб гардид. Бисьёр хунҳо ба хок рехт ва бисьёр хонаҳо бар замин афтод, сарҳо кафид, гиребонҳо дарид. Батраки чолок аз ин мавқеи ҳалок худро бурун кашиду бо камоли шитоб ба сӯи штаби аскарони сурхе, ки дар он наздикӣ буд, давид, хабари ҳодисаро расонид. Аз аскарони сурх як даста қаҳрамонони мусаллаҳ, ки ҳозир буданд, он хабарчиро бо худ гирифта, ба аспҳо қамчин монданд, фурсате нагузашта буд, ки ин қаҳрамонони шеркирдор гирдогирди он размгоҳро гирифтанду бори тиру оташро аз милҳои туфангу пулемёт борონданд. Босмачиён саросемавор ба мушхонаҳо ҷой шуданд, тоби муқовамат наёварда, чанде кушта, баъзе асиру баъзе таслим гардиданд. Аз асирон ва таслимшудагон дониста шуд, ки сардори ин дастаи босмачиён Узун-Қулоқ ном дузди машҳур будааст. Узун-Қулоқ гурги даррандае буд, ки бисьёр қишлоқҳоро хароб карда, вале ба ҳеҷ боб дастгир намешуд. Бинобар он дастаи қаҳрамонони сурх барои баста гирифтани он рӯсиёҳ кӯшиш карданд. Аммо пас аз он, ки фитна паст гашт, мурда ва зиндаи босмачиён аз чашмҳо гузашт, аз он миён асари Узун-Қулоқ пайдо нагардид.

Баста ва даста кардани 50—60 нафар босмачӣ ба назари қаҳрамонони сурх наменамуд, танҳо фикрҳо ба бандӣ кардани сардори онҳо банд буд. Даруну беруни он ҳавлиро тафтиш карданд ва то ба як фарсах ва ду фарсах атроф саворонро давониданд, дар ниҳоят маълум шуд, ки он гови шохдор дар айни гирудор фарор карда, ба канори обшор омада, аз думболагирии қаҳрамонони сурх ночор худро ба даруни об зада, нигарони ғофил гузашта рафтани кушандагонаш истода будааст.

Дар як лаҳза аскарони ҷангозмой бо туфангҳои ҷонфарсой гирди он обшорро фаро гирифтанд ва ошкоро ди-

данд, ки он хунхор дар даруни обшор худро пинҳон кардааст.

Ин ҳангом чораи халосӣ барои худаш ёфта наметавонист. Чунон шарманда буд, ки гӯё обҳои обшор арақҳоест, ки аз сару рӯяш мерехт ва чандон навмед буд, ки гӯё он обшор аз чашмҳои ӯ мешорид.

Бо ҳамин аҳвол дар даруни об гоҳе сӯхта, гоҳе об шуда, чашмҳояшро яке мекушоду боз мепӯшонд. Дар як навбате, ки чашмашро кушода буд, ду туфангдасти забардаст пишон гирифта истода буданд ва якбора бо ду тири туфанг чашмҳои ӯро дӯхтанд ва хунҳои мағзашро дар он обшор рехтанд.

Ин буд, ки ҳамин шаршараи воқиаманд бо «Обшори чашмдор» ном бардошт.

*17 октябри с. 1931*

## ТАВЗЕҲИ АСАРҲОИ МУНЗИМ

1 Эй сарви моҳрӯй, «Баёзи Роҷӣ», саҳ. 257, чопи сангӣ, соли 1325 ҳ.
2 Гуфтам:— Ба чашм, «Баёзи Роҷӣ», саҳ. 257, чопи сангӣ, соли 1325 ҳ.
3 Эй дилрабой, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 481, Москва — 1926.
4 Обу теғ, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 484, Москва — 1926.
5 То ба кай, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 579—580, Москва — 1926.
6 Баёни ҳол, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 584—585, Москва — 1926.
7 Инқилоби сурх, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 594—595, Москва — 1926.
8 Хурсандии тоҷик, рӯзномаи «Бедории тоҷик», 3 июль, соли 1925.
9 Назира бар ғазали Адиб Собири Тирмизӣ, рӯзномаи «Бедории тоҷик», 10 июль, соли 1925.
10 Тазмин ба ғазали Ҳофизи Шерозӣ, рӯзномаи «Овози тоҷик», 9 июль, соли 1926.
11 Мебоист кард, рӯзномаи «Овози тоҷик», 7 ноябри соли 1926.
12 Дар бораи алифбои нав ва кӯҳна, маҷаллаи «Раҳбари дониш», № 4, саҳ. 4, соли 1929.
13 Колхоз шуд, рӯзномаи «Тоҷикистони сурх», 25 декабрь, соли 1930.
14 Пахтачинӣ, маҷаллаи «Раҳбари дониш», № 3, соли 1931.
15 Ҳаштӯми март, рӯзномаи «Тоҷикистони сурх», 8 март, соли 1930.
16 Ба шарафи ҳаштӯми март, маҷаллаи «Бо роҳи Ленин», № 3, саҳ. 24, соли 1933.
17 Бисту якӯми январь, маҷаллаи «Барои адабиёти социалистӣ», № 1—2, саҳ. 34, соли 1934.
18 Ғаллатайёркунӣ, рӯзномаи «Тоҷикистони сурх», 18 июль, соли 1930.

19 Табрик ба юбилеи сисолагии эҷодиёти рафиқ Лоҳутӣ, маҷаллаи «Барои адабиёти социалистӣ», № 5—6, саҳ. 34—35, соли 1933.

20 Рубоӣ, Айнӣ С., «Намунаи адабиёти тоҷик», саҳ. 485, Москва — 1926.

21 Фард, Садри Зиё, «Тазкор-ул-Ашъор», захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон, № 230, вар. 36 б.

22 Инқилоби ҳоли деҳқонон — зафари пахтакории онон, маҷаллаи «Барои адабиёти социалистӣ», № 3—4, саҳ. 27, соли 1934.

23 Мактаб, Мунзим, Роҳбари хат, чопи сангӣ, № 938, захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

24 Эй Ватан, маҷаллаи «Қутулуш», 1920, № 3, 9 июль.

25 Камбағал ва бой, октябри с. 1928.

26 Батракон, октябри 1928.

27 Эй шарқи мазлум, маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» № 20, саҳ. 4—6, соли 1919.

28 Обшори чашмдор (ҳикоя), маҷаллаи «Раҳбари дониш», № 3, саҳ. 19—20, соли 1931.

29 Ҳикоя, Садри Зиё, «Наводири зиёия», № 983, вар. 172 а, захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

30 Ҳикоя, Садри Зиё, «Наводири зиёия», № 983, вар. 182 б, захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

31 Даркору даркортар, рӯзномаи «Овози тоҷик», 21 февраль, соли 1929.

32 Дар бораи забони тоҷикӣ, рӯзномаи «Овози тоҷик», декабри соли 1928.

## *МУНДАРИҶА*

Ҳаёт ва фаъолияти адабии Мунзим . . . . . . . . 5

### *НАЗМ*

**Ғазалиёт**
Гуфтам: «Ба чашм!» . . . . . . . . . . . . . . 15
Эй сарви моҳрӯй . . . . . . . . . . . . . . 16
Рафтуои ману ту . . . . . . . . . . . . . . 17
Обу теғ . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
То ба кай? . . . . . . . . . . . . . . . . 19
Баёни ҳол . . . . . . . . . . . . . . . . 20
Эй Ватан . . . . . . . . . . . . . . . . 22
Инқилоби Сурх . . . . . . . . . . . . . . 23
Назира бар ғазали Адиб Собири Тирмизӣ . . . . . 25
Хурсандии тоҷик . . . . . . . . . . . . . . 27
Тазмин ба ғазали Ҳофизи Шерозӣ . . . . . . . 28
Батракон . . . . . . . . . . . . . . . . 29
Мебоист кард . . . . . . . . . . . . . . . 30
Набувад ҳеҷ . . . . . . . . . . . . . . . 31
Колхоз шуд . . . . . . . . . . . . . . . 32
Пахтачинӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 33
**Қасоид**
Мактаб . . . . . . . . . . . . . . . . . 34
Табрик ба юбилеи сисолагии эҷодиёти рафиқ Лоҳутӣ. 37
Бисту якӯми январь . . . . . . . . . . . . 40
**Қитъаот**
Камбағал ва бой . . . . . . . . . . . . . . 42

Ҳаштӯми март . . . . . . . . . . . . . . . . . . 43
Тарона . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 44
Ғаллатайёркунӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . —
**Рубоӣ**
**Фард**
**Маснавиёт**
Дар бораи алифбои наву кӯҳна . . . . . . . . . . 49
Ба шарафи ҳаштӯми март . . . . . . . . . . . . . 51
**Достон**
Инқилоби ҳоли деҳқонон — зафари пахтакории онон. 54

*НАСР*

Эй шарқи мазлум . . . . . . . . . . . . . . . . 67
Дар бораи забони тоҷикӣ . . . . . . . . . . . . 72
Даркору даркортар . . . . . . . . . . . . . . . 76
Обшори чашмдор . . . . . . . . . . . . . . . . 81

**Мирзо Абдулвохид Мунзим**

ИЗБРАННЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *М. Фарҳат*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
Рассом *Д. Винокуров*
Муҳаррири техникӣ *И. Сунчелеева*
Мусаҳҳеҳ *Х. Раҳимов*

Ба матбаа 27/II-67 супурда шуд. Ба чопаш 27/-VI-67 имзо шуд. Формати 70×108 $^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопии 2,875(4,02). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,89. Адади нашр 5000. Коғази № 2. Супориши № 813. КЛ 00786. Нархаш 23 тин.

Нашриёти «Ирфон», Душанбе, кӯчаи Шевченко, 10.
Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.

## НАШРИЁТИ «ИРФОН» КИТОБҲОИ ЗЕРИНРО БА ЧОП ТАЙЁР МЕКУНАД:

Давронов С. ва дигарон (тартибдиҳандагон).

Ҳотамнома. Ба забони тоҷикӣ (ориг.), 15 ҷузъи чопӣ, 15000 нусха, нархаш 60 тин, кв. II.

«Ҳотамнома» яке аз асарҳои меросии халқҳои форсу тоҷик мебошад. Ҳотам шахси таърихӣ буда, образи реалии вай машҳур ва маъруф гардидааст.

Аз Рудакӣ сар карда тамоми шоирон номи Ҳотамро дар шеърҳояшон ҳамчун шахси бокарам ва сахӣ тасвир намудаанд. Китоби мазкур дар асри XV аз тарафи муаллифи номаълум тартиб дода шудааст. Мазмуни «Саргузашти Ҳотам» ин аст: як соҳибҷамол ба худ қавл медиҳад, ки то ба ҳафт саволаш ҷавоби қаноатбахш нагирад, ба шавҳар намебарояд. Ҳотам ба Мунири ошиқ, ки ин шартҳои Ҳуснбонуро иҷро карда наметавонад, ёрӣ медиҳад. Барои ба ин саволҳо ҷавоб додан Ҳотам ҳафт сафари афсонавӣ мекунад. Мазмуни китоб маҳз аз саргузаштҳои аҷоиби ӯ иборат аст.

Салимов Ю., Ҳакимова Х. (тартибдиҳандагон).

Самаки айёр. Ба забони тоҷикӣ (ориг.), 15 ҷузъи чопӣ, 15000 нусха, нархаш 60 тин, кв. II.

Самаки айёр — асарест, ки ба романҳои саргузаштию пурмоҷарои европоӣ монанд буда, сюжети мураккаби пурпечу тоб дорад ва аз ҳиммату корнамоии баҳодурони афсонавӣ сухан меронад. Дар роман ду қувваи мухолиф тасвир ёфтаанд: дарбориён ва ҷавонмардӣ, ки роҳбарони он Самаки айёр ва Шағоли Пилзӯр буда, ба шоҳу феодалҳо тобеъ намебошанд. Ин қувва ҳомии фақирон, ҳақирон буда, аз болои ҳама гуна зулму истибдод зафар мекунад. Матни зикршуда тахминан панҷьяк ё шашьяки қисми ин мероси барҷастаро ташкил медиҳад.

Ҳодизода Р., Танбӯри сеҳрнок. Ба забони тоҷикӣ (ориг) 6 ҷузъи чопӣ, 7000 нусха, нархаш 36 тин, кв. III.

Муаллиф дар ин китоб очерк ва новеллаҳои дар бораи шоиру нависандагони барҷастаи тоҷику форс навиштаи худро гирд овардааст. Дар китоб очерки «Танбӯри сеҳрнок», боз якчанд новеллаҳо: «Бӯи ҷӯи Мӯлиён...» (Рӯдакӣ) «Қасидаи тамғадор» (дар бораи Фаррухии Сиистонӣ), «Ба ёди устод» (дар бораи устод С. Айнӣ) дохил карда шудааст.

Улуғзода С.

Субҳи ҷавонии мо. (Нашри дуйӯм). Ба забони тоҷики (ориг.) 15 ҷузъи чопӣ, 15000 нусха, нархаш 60 тин, кв. I.

Повести мазкур, ки солҳои 1917—1926-ро дар бар мегирад, дар бораи ҳаёти кӯдакони тоҷик, ҳаёти маишии халқ ва бедоршавии шуури деҳқонони тоҷик нақл мекунад. Қаҳрамони асар Собир ном ҷавоп аст. Муаллиф дар бораи ҳаёти пурмашаққати бачагӣ ва давраи дар мактаби советӣ таҳсил намуданаш муфассал сухан меронад. Персонажҳои повесть асосан нахустин пионерон ва комсомолони тоҷик мебошанд.

Наҷмиддинов М.

Роҳҳои пурмашаққат. Ба забони тоҷикӣ (ориг.), 12 ҷузъи чопӣ, 7000 нусха, нарахаш 46 тин, кв. IV.

Ин асар дар бораи машаққати аз сар гузаронидаи мутахассиси ҷавон Карима Сангинова, ки ба яке аз совхозҳои республика ба кор таъин мешавад, ҳикоят мекунад. Барои аз худ кардани кор мутахассиси ҷавон чӣ машаққатҳоеро аз сар гузаронидааст! Вале рафта-рафта ин санҷишҳои ҳаёт азму иродаи ӯро мустаҳкам ва амалӣ мегардонанд.

Чӣ хушбахт аст он инсон, ки дар байни халқ обрӯю эътибор пайдо мекунад!

Тағьир ёфтани характери мутахассиси ҷавони советӣ, ки дар ибтидо ба худ боварӣ надошт ва оҳиста-оҳиста дар натиҷаи машаққатҳои зиёд ҳамаи он камбудиҳоро бартараф намуда, дар байни халқ обрӯ пайдо кард, мавзӯи асосии асарро ташкил мекунад.

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

33400

23 тин

НАШРИЁТИ «ИРФОН»